## Зи нав омад нишоту шодмонӣ,
## Муборак бод Наврӯзи ҷаҳонӣ!


# ҲОМИИ ОМӮЗГОР

№3 (200)
30 МАРТИ СОЛИ 2026
Оғози нашр 18 декабри соли 2009

НАШРИЯИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ КОРМАНДОНИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


# НАВРӮЗ – ОМИЛИ МУҲИММИ ХУДШИНОСИВУ ХУДОГОҲӢ

## ПАЁМИ ШОДБОШИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

**20.03.2026, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо – хурду бузурги мардуми шарифи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯзро ба муносибати фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик мегӯям.

Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои башар, оғози соли нав, айёми аз сардӣ ба гармӣ баромадан, эҳёи дигарбораи табиат ва тамоми мавҷудоту набототи он мебошад.

Мардумони куҳанбунёди ориёитабор ғайр аз Наврӯз ойину ҷашнҳои дигари бостонӣ, аз ҷумла Сада, Тиргон ва Меҳргонро низ таҷлил мекунанд, вале Наврӯз дар миёни онҳо шукӯҳу ҷалоли хосса дорад.

Гузаштагони некному хирадманди мо ин ҷашнро бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои зиёд дар тӯли беш аз шаш ҳазор сол ҳифз карда, то замони мо расонидаанд. Ин ҷашни фархунда тайи ҳазорсолаҳо ба мероси гаронбаҳои фарҳанги мардумӣ ва ҷузъи ҷудоинопазири ҳувияту ифтихори миллии мо табдил ёфтааст. Ҳамзамон бо ин, фарҳанги пурарзиши наврӯзӣ тадриҷан ҳамчун омили муҳимми сулҳу оромӣ ва ҳамзистии фарҳангу тамаддунҳо ва қаламравҳои гуногун эътироф гардидааст.

Қобили зикр аст, ки ҳарчанд баробаршавии шабу рӯз дар як сол ду маротиба рух медиҳад, аммо Наврӯз ҳамчун падидаи зебои табиӣ эҳёи табиат ва мавҷудоти оламро дар фасли баҳор, яъне нишонаҳои зиндагии навро дар худ таҷассум мекунад. Ба ҳамин сабаб ниёгони хирадманди мо маҳз ҳамин рӯз, яъне, эътидоли баҳориро оғози соли нави хуршедӣ қарор додаанд ва онро бо калимаи зебои тоҷикӣ «наврӯз» ном ниҳодаанд. Номи Наврӯз дар тӯли ҳазорсолаҳо дигар нашудааст ва бо ҳамин номи мантиқиву зебо то замони мо зинда мондааст.

Имрӯз мардумони кишварҳои гуногун ҳамдигарро бо забони ширину зебои тоҷикии «Наврӯз муборак!» шодбош мегӯянд. Таърихан тоҷикӣ будани номи Наврӯз гувоҳи равшани он аст, ки ин ойини муборак бо таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ аз муҳити зисти ниёгони ориёитабори мо бархостааст. Бинобар ин, мо – ворисони ин ҷашни зеборо зарур аст, ки бо бунёди Маркази байналмилалии Наврӯз дар пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе ба арзишу суннатҳои он арҷ гузорем, онҳоро ҳифз кунем ва густариш диҳем, зеро ҳифзи ин ҷашн, пеш аз ҳама, посдориву нигоҳдории яке аз шоҳсутунҳои ҳувияту



худшиносии миллии мо мебошад.

Воқеан, бояд гуфт, ки мо дар кишвари худ ду ҷашни муқаддас ва бузург дорем, ки яке ҷашни истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон ва дигаре Наврӯз – ойини бостонии аз аҷдоди ориёиамон бамеросмонда мебошад. Ва метавон гуфт, ки ин ду падида ду боли парвози мо дар масири таърих ба шумор мераванд. Дар робита ба ин, мехоҳам хотирнишон намоям, ки ҷашни Наврӯзи имсола ҳамчун омили муҳимми худшиносиву худогоҳии мо – тоҷикон аҳаммияти хосса пайдо мекунад.

Чунки соли 2026-ро мо «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» эълон кардаем.

**Ҳамватанони азиз!**

Наврӯз на танҳо ҷашни эҳёи табиат ва замони баробаршавии шабу рӯз аст, балки ҷашни марди деҳқон ва оғози мавсими корҳои кишоварзию боғдорӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин хотир, кишоварзон ва ҳамаи онҳое, ки бо замин сарукор доранд, аз ҷумла шахсоне, ки соҳиби заминҳои президентӣ ва наздиҳавлигӣ мебошанд, бояд аз ҳар як рӯзи мусоиди фасли баҳор истифода баранд.

Мо бояд барои ба даст овардани ҳосили фаровон, яъне зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таъмин намудани бозори истеъмолӣ, боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ҳифзи амнияти озуқаворechoии мамлакат ҳарчи бештар саъю кӯшиш намоем.

Ҳамватанони азизи мо хуб медонанд, ки вазъи ҷаҳони муосир рӯз ба рӯз мураккабу ҳассос гардида, дастрасии аҳолии сайёра ба маводи ғизоӣ торафт душвор шуда истодааст. Бинобар ин, мо бояд аз тамоми захираву имкониятҳое, ки дар ихтиёр дорем, аз ҷумла аз ҳар як ваҷаб замин ва об самараноку оқилона истифода намоем.

Мо имсол Наврӯзро ба шукронаи сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва дар давраи омодагӣ ба ҷашни бузурги миллиамон – 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон пешвоз мегирем.

Эътимоди комил дорам, ки мардуми сарбаланди Тоҷикистон кору фаъолияти бунёдкориву созандаи худро ба хотири истиқболи сазовори ин ҷашни муқаддаси миллӣ вусъати тоза мебахшанд. Мо бояд ин неъмати муқаддасу бебаҳо, яъне, истиқлолу озодиро ҳамчун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва шукрона кунем, ки мо – тоҷикон соҳиби давлати соҳибистиқлол ҳастем!

Наврӯз ҷашнест, ки бо эҳёву сарсабз гардидани табиат ба хонадони мардуми кишвар суруру шодмонӣ меоварад ва одамонро дар баробари зоҳири ороста ба поксозии ботин ва аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ташвиқу ҳидоят мекунад.

Наврӯзи фархундапай, ҳамчунин, талқин мекунад, ки мо ба тозагиву озодагӣ ва ободии гирду атроф, яъне муҳити зисти худ аҳаммияти хосса диҳем. Яъне, дар бар кардани либосҳои миллӣ ва хонаву маҳалли зисти худро тозаву озода нигоҳ доштан аз ойинҳои бисёр муҳимми ин ҷашн маҳсуб меёбанд. Аз ин лиҳоз, мардуми мо ба истиқболи Наврӯз хонаву кошонаи худро озодаву ороста мегардонанд, қалбҳои хешро аз кинаву кудурат пок месозанд ва ин ҷашн, яъне саршавии солро бо дили поку нияти нек, бо умеди оромиву осоиш ва файзу баракат таҷлил мекунанд. Ин аст, ки ойину суннатҳо ва маҳфилу базмҳои Наврӯзӣ мардумро сарҷамъу муттаҳид месозанд. Вобаста ба ин, хотирнишон месозам, ки мо бояд бо забон, таърих ва фарҳанги бостонии худ, расму ойинҳо ва суннату анъанаҳои бою рангоранги миллии худ, аз ҷумла сару либос ва таомҳои миллиамон ифтихор намоем, онҳоро ҳифз кунем ва густариш диҳем.

Ҳамватанони азизи мо, ҳамчунин, набояд фаромӯш созанд, ки дасти кумак дароз кардан ба ниёзмандон, хурсанд кардани дили ятимон, хабар гирифтан аз ҳоли падару модарон, бародарону хоҳарон, беморону калонсолон ва дигар амалҳои хайре, ки боиси хушҳоливу болидахотирии инсонҳо мегарданд, яке аз ҷанбаҳои умдаи ҷашни Наврӯз мебошад.

Бовар дорам, ки мо бо ваҳдату сарҷамъӣ ва заҳмати аҳлонаи мардумамон ба ҳама ҳадафҳои стратегие, ки дар назди худ гузоштаем, мерасем ва Наврӯзи бостонӣ бо қадамҳои муборaки худ ба ҳар як хонадони мамлакат шодиву хушҳолӣ ва барору комёбӣ меоварад.

Дар шароити бисёр ҳассосу пурҳаводиси ҷаҳони имрӯза мо ба шукронаи соҳибватанӣ ва соҳибдавлативу соҳибистиқлолӣ бояд боз ҳам муттаҳиду сарҷамъ ва босабру таҳаммул бошем, Ватани азизи худро сидқан дӯст дорем, ба таърих, забон, фарҳанг ва дигар арзишҳои миллиамон арҷ гузорем.

Бо эътимоди комил ба фардои ободи Тоҷикистони маҳбубамон, бори дигар фарорасии Соли нави аҷдодӣ – Наврӯзи байналмилалиро ба хурду бузурги мардуми кишвар, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона шодбош мегӯям.

Ба хонадони ҳар як фарди мамлакат саломативу сарбаландӣ, хушбахтиву саодати рӯзгор ва файзу баракати наврӯзӣ орзу менамоям.

**Соли нави аҷдодӣ ва Наврӯзи байналмилалӣ муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ 2026 ДАР НАВРӮЗГОҲИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**21.03.2026, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**
**Муҳтарам сокинони шаҳри Душанбе!**
**Меҳмонон ва ҳозирини гиромӣ!**

Ҳамаи шуморо ба муносибати фарорасии Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик мегӯям.

Наврӯз яке аз куҳантарин ва пурмазмунтарин ҷашнҳои башарият буда, рамзи бедоршавии табиат, саршавии соли нав ва зиндагии нав, покиву болидагии рӯҳу андеша ва таҳкиму густариши арзишҳои инсондӯстонаву ахлоқӣ ба ҳисоб меравад.

Ин ҷашн аз ҷумлаи ойинҳои бисёр деринае мебошад, ки дар он фалсафаи зиндагӣ, мактаби худшиносӣ ва таърихи фарҳангу тамаддуни ниёгони ориёии мо инъикос ёфтааст.

Наврӯз дар саргаҳи ойинҳои миллии мо – Сада, Тиргон ва Меҳргон ҷой дошта, дар тӯли таърихи беш аз шашҳазорсолаи худ аз шебу фарозҳои зиёд убур кардааст.

Замоне доираи таҷлили ин ҷашни зебои бостонӣ маҳдуд гардид ва замоне гӯё фаромӯш шуд, вале ҳаргиз аз қалбу хотири мардум нарафт, чунки реша дар генофонди миллӣ ва ҳастии мардуми фарҳангиву соҳибтамаддуни мо дорад.

Гузаштагони некноми мо ин мероси муқаддасро чун сарвати бебаҳои миллии худ ҳифз намуда, аз насл ба насл мерос гузоштаанд ва имрӯз он ба яке аз пояҳои бунёдӣ ва рукни ҷудоинопазири ҳувияти миллӣ, фарҳанг ва ҷаҳонбинии тоҷикон табдил ёфтааст.

Дар баробари ин, Наврӯз ва арзишҳои инсонии он бо мурури замон ба қаламравҳои дигар нуфуз пайдо карда, ҳоло ба мероси умумибашарӣ мубаддал гардидааст.

Дар ҷаҳони пуртазоди имрӯза Наврӯз пули дӯстӣ миёни халқҳо, омили сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ ва намунаи ҳамзистии тамаддунҳо гардида, ҷомеаи ҷаҳонӣ онро ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф намудааст.

Ҳикмати дар тӯли ҳазорсолаҳо пойдору устувор мондани Наврӯз, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ба ягон дину мазҳаб пойбанд нест.

Асоси онро қонуни табиат – аз сардӣ ба гармӣ баромадан, баробаршавии шабу рӯз, яъне эътидоли баҳорӣ ва оғози гардиши нави зиндагӣ ташкил медиҳад, яъне Наврӯз сирф ҷашни табиат ва инсон аст.

Ҳамчунин, Наврӯз моро ба некиву накӯкорӣ даъват мекунад. «Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек» – чунин аст фалсафаи аслии Наврӯз, ки ойину боварҳои осмонии инсонҳо баъдан аз он сарчашма гирифтаанд.

Беҳуда нест, ки таҳкими ваҳдату дӯстӣ, аз қалбҳо берун кардани кинаву адоват ва кумак ба ниёзмандон, аёдати беморон ва дастгирии ятимону маъюбон аз ҷумлаи беҳтарин суннатҳои инсондӯстонаи наврӯзӣ мебошанд. Хусусан, дар шароите, ки ҷаҳони имрӯз ба сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ нисбат ба ҳар замони дигар ниёзи бештар пайдо кардааст, ин арзишҳои неку башардӯстонаи наврӯзӣ метавонанд ба инсоният хизмати арзишманд анҷом диҳанд.

Маҳз бо дарназардошти ҷойгоҳу аҳаммияти ин ойини дерина, мо тасмим гирифтем, ки дар пойтахти кишвари маҳбубамон – шаҳри Душанбе Маркази байналмилалии Наврӯзро бунёд намоем.

Ин иқдом на танҳо арҷгузорӣ ба гузашта, балки сармоягузорӣ ба ояндаи фарҳанги миллат мебошад, зеро танҳо ҳамон миллате фардои ободу осудаи худро таъмин карда метавонад, ки ойину арзишҳои фарҳангиву тамаддунии хешро ҳифз мекунад ва онҳоро таҳким мебахшад.

Боиси хушнудист, ки 10-уми декабри соли 2025 зимни иҷлосияи 20-уми Кумитаи мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО яке аз суннатҳои арзишманди дигари ҷашни Наврӯз – номинатсияи миллии Тоҷикистон бо номи «Фарҳанги суманакпазӣ» ба Феҳристи мероси ин созмони бонуфуз ворид гардид.

Хотирнишон месозам, ки як қатор ойину суннатҳои дигари наврӯзӣ, аз қабили «Сездаҳбадари Наврӯз», «Дастархони наврӯзӣ – ҳафтсину ҳафтшин», «Базми ҷамшедӣ», бозиҳои варзишии хоси наврӯзӣ ва монанди инҳо низ ҳамчун мероси тамаддуни ориёӣ, аз ҷумла миллати тоҷик арзиши ҷаҳонӣ доранд.

Ба ин хотир, вазифаи мост, ки ҳамчун ворисони аслии тамаддуни ориёӣ суннатҳои наврӯзиро минбаъд низ пос дорем, арзишҳояшро омӯзем, густариш диҳем ва онҳоро ба наслҳои оянда бо тамоми зебоиву шукӯҳашон ба мерос гузорем.

Мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки ҳифзи Наврӯз – ҳифзи ҳувият ва худшиносии миллати куҳанбунёду тамаддунсози тоҷик мебошад.

Дар ин росто, фаромӯш набояд кард, ки дар руҳияи ватандӯстиву ватанпарастӣ, ҳисси баланди миллӣ, иродаи мустаҳкам, омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар тарбия кардани наврасону ҷавонон, яъне наслҳои ояндасози миллат ва давлат вазифаи муқаддаси ҳар яки мо – калонсолон ба ҳисоб меравад.

Ҷавонони мо бояд таърих, фарҳанг ва дигар арзишҳои ҷовидонии миллати худро омӯзанд, онҳоро густариш диҳанд, ҳамеша дар фикри азхудкунии илму дониш ва касбу ҳунар, соҳибӣ кардану обод намудани Ватан, пешрафти давлат ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ бошанд.

**Ҳамдиёрони гиромӣ!**

Азбаски мо имсол ҷашни фархундаи Наврӯзро дар давраи омодагӣ ба ҷашни муқаддас ва бузурги 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таҷлил менамоем, бояд дуҷанд кор кунем, заҳмат кашем, давлати соҳибихтиёрамонро неруманду пешрафта гардонем ва сатҳу сифати зиндагии мардумамонро боз ҳам баланд бардорем.

Сиву панҷ сол барои таърих лаҳзаест, вале барои миллати тоҷик давраи сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад.

Дар ин муддат мо – тоҷикон худро ҳамчун миллати соҳибтамаддуну фарҳангӣ, соҳибкитобу соҳибдевон ва давлатдору ободгар дигарбора эҳё кардем ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудем.

Бо эътимоди комил изҳор медорам, ки мо бо ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, сабру таҳаммул, заҳмати софдилона ва иродаи қавӣ нақшаҳои созандаи худро ҳатман амалӣ месозем, ба ҳадафҳои стратегии миллиамон ноил мегардем ва Тоҷикистони азизамонро ба кишвари боз ҳам ободу пешрафта ва пойтахти он шаҳри Душанберо ба ойинаи ҳақиқии давлати тоҷикон табдил медиҳем.

Бо чунин ниятҳои нек, бори дигар фарорасии Наврӯзи байналмилалиро ба кулли мардуми шарифи кишвар, аз ҷумла сокинони пойтахт, ҳамватанони бурунмарзӣ ва мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз самимона табрик мегӯям.

Бигзор, ҳар хонадон ин ҷашни мубораку муқаддасро дар фазои сулҳу суботи комил, бо шодиву хушҳолӣ, иттиҳоду сарҷамъӣ ва бо амалҳои неку созанда истиқбол намояд!

Бигзор, Наврӯз ба қалбҳои мо нур, ба зиндагии мо файзу баракат ва ба кишвари азизамон сулҳу ваҳдати ҷовидонӣ оварад!

Орзу дорам, ки саломатӣ, иқболи нек ва хушбахтии ҳар хонадони мардуми Тоҷикистон армуғони Наврӯзи имсола гардад!

**Наврӯз муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ МОДАР

**07.03.2026**

**Модарону бонувони муҳтарам ва хоҳарону духтарони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори Рӯзи модар, ки дар оғози фасли зебои баҳор ва дар остонаи Наврӯзи фархундапай таҷлил мегардад, самимона табрику шодбош мегӯям. Ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломативу хушбахтӣ ва иқболи неку хонаи обод орзу менамоям.

Ба оғози фасли баҳор, яъне, эҳёи табиат баробар омадани ҷашни модарону бонувон нишонаи покиву зебоӣ ва офарандагии мавҷуди муқаддаси модар мебошад.

Ин рӯзи муборак на танҳо рамзи эҳтиром ба модар ва арҷгузорӣ ба мақому манзалат ва қадру қимати ӯ мебошад, балки нишонаи эътирофи саҳми басо назарраси занон дар пешрафти давлат ва пойдории ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Модар рамзи ҷовидонаи ҳаёти башар, меҳру муҳаббати поку беолоиш ва сарчашмаи ахлоқу одоби ҳамидаи инсонӣ мебошад.

Зан – модар дар ташаккули шахсияти фарзанд, пойдории оила, оромиву суботи ҷомеа ва пешрафти давлат нақши беназир ва бебаҳо дорад.

Зеро рушди ҷомеа бо заҳмати шабонарӯзӣ, сабру таҳаммул ва муҳаббати самимии модарон ба таълиму тарбияи наслҳои солиму созанда таъмин мегардад.

Бузургии зан – модар дар тӯли таърих аз ҷониби ҳазорон нафар мутафаккирону ҳакимон ва файласуфону шоирони маъруфи дунё ба таври шоиста васфу ситоиш шудааст ва ин анъана бо самимияту муҳаббати наслҳои инсоният минбаъд низ идома хоҳад ёфт.

Зан – модар ҳамчун мавҷуди офарандаи фарзанд на танҳо фариштаи ҳусну малоҳат ва нафосату зебоӣ аст, балки чун меҳвари хонавода пайвандгари оила бо ҷомеа мебошад.

Ин рисолати бузургест, ки модар онро дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун нигоҳдорандаи забон, фарҳанг ва суннату арзишҳои неку созандаи миллати бостонии тоҷик иҷро карда, дар ташаккули худшиносиву худогоҳии миллии наслҳо нақши барҷаста бозидааст.

Имсол Рӯзи модар ба соли барои мардуми мо муҳимму таърихӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвари маҳбубамон рост омад. Дар робита ба ин, мехоҳам бо ифтихору қаноатмандӣ изҳор намоям, ки бонувону занони ватандӯсти мо дар дастоварду пешравиҳо ва ободониву созандагии сарзамини аҷдодиамон дар зарфи беш аз се даҳсолаи сипаригардида саҳми бузург гузоштанд.

Ман дар мулоқоту суханрониҳои худ борҳо гуфтаам, ки занону модарони бонангу номуси мо ҳанӯз дар рӯзҳои ниҳоят мушкили оғози соҳибистиқлолӣ дар барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ саҳми бисёр арзишманд гузоштанд.

Бо дарназардошти саҳм ва нақши занону бонувон дар ҳаёти давлат ва ҷомеа, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат барои баланд бардоштани мақоми занон ва таъмин намудани ҳуқуқи онҳо як қатор қонунҳо, стратегияву барномаҳои давлатӣ ва дигар санаду нақшаҳо қабул ва амалӣ карда шуданд ва ҳоло амалисозии як қисми онҳо идома дорад.



Имрӯз бонувону занон ва духтарони мо ҳамчун шарикони боэътимоди давлат дар татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ фаъолона саҳм гузошта истодаанд.

Таъкид менамоям, ки эҳтиром ба зан – модар на танҳо вазифаи ахлоқӣ, балки зарурати сиёсӣ ва иҷтимоии давлат мебошад ва Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ эълон намуд.

Зеро таҷрибаи таърих собит месозад, ки ҷомеае, ки ба зан арҷ мегузорад, суботи иҷтимоӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди устувор дар он таъмин мегардад.

Бо мақсади фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои духтарон, яъне боз ҳам баланд бардоштани сатҳи маърифати онҳо ҳоло дар кишвар квотаи президентӣ амал мекунад, ки бо истифода аз он ҳазорон нафар духтарони лаёқатманд аз минтақаҳои дурдасти мамлакат имкони таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро пайдо намудаанд.

Ин иқдом ҳамчун сармоягузорӣ ба ояндаи миллат минбаъд низ идома дода мешавад, зеро ҳар як духтари таҳсилдида маънои як оилаи босавод, як насли маърифатнок ва як ҷомеаи пешрафтаро дорад.

Бузургон гуфтаанд, ки донишмандии мард сабаби саводнокии хонадон аст. Вале донишманд будани зан омили донишмандии миллат мебошад. Зеро зани донишманду соҳибмаърифат насли босаводро таълиму тарбия медиҳад.

Воқеан, мақоми зан, аз ҷумла масъалаи илму донишомӯзии ӯ дар дини мубини ислом низ борҳо таъкид шудааст. Дар аввалин ояти китоби осмонии Худованд – Қуръони маҷид калимаи «иқра» нозил шудааст, яъне, хондан ва аз худ кардани илму дониш таъкид гардидааст. Дар ҳадиси пайғамбари гиромӣ – Ҳазрати Муҳаммад низ омадааст, ки «талаби илм бар ҳар марду зани мусулмон фарз аст».

Имрӯз занону бонувони тоҷик дар ҳама бахшҳои иқтисоди миллӣ – кишоварзиву саноат, энергетикаву сохтмон, бонкдорӣ, соҳибкориву хизматрасонӣ ва бахшҳои дигар кору фаъолият мекунанд ва бо ташаббускориву масъулиятшиносии худ дар рушду пешрафти кишвар саҳми арзанда мегузоранд.

Бонувону занони мо, инчунин, дар фаъолияти мақомоти намояндагӣ, сохтору мақомоти идораи давлат, сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақши назаррас доранд. Яъне, ҳоло дар кишвар соҳае нест, ки бонувону занон дар он саҳми арзишманд надошта бошанд.

Дастгирии соҳибкориву ҳунармандии занон, ҷудо намудани грантҳои президентӣ, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ имкон доданд, ки мустақилияти иқтисодии онҳо тақвият ёфта, рушди бесобиқаи ҳунарҳои мардумӣ таъмин гардад.

Соли 2025 барои дастгирии занони соҳибкору ҳунарманд аз ҷониби низоми бонкӣ 8 миллиард сомонӣ қарз дода шудааст. Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдиду хатарҳои гуногун ба мафкураи наврасону ҷавонон масъулияти занону модарон боз ҳам бештар мегардад.

Пешгирӣ аз хурофоту таассуб ва ифротгароиву бегонапарастӣ, пеш аз ҳама, аз муҳити оила оғоз мешавад ва дар навбати аввал маҳз модар метавонад дар зеҳну шуури фарзанд ҳисси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллиро тарбия ва ташаккул диҳад.

Мо бояд хуб дарк намоем, ки тарбияи дурусти фарзандон кафолати саодатмандии ҳар як хонадон, суботи ҷомеа ва амнияти давлат мебошад.

Агар имрӯз модар фарзанди худро ба роҳи омӯхтани илму дониш, азхудкунии касбу ҳунар ва заҳматдӯстиву созандагӣ ҳидоят намояд, фардо ҷомеа ва давлат аз мушкилоту бадбахтиҳо эмин мемонад.

Бузургон гуфтаанд, ки тарбияи фарзанд ҳанӯз аз батни модар оғоз мешавад ва бо меҳру муҳаббати модар ташаккул ва рушд меёбад.

Аз ин рӯ, аз ҳамаи модарону бонувони азиз даъват менамоям, ки ба масъалаи таълиму тарбияи фарзандон ва махсусан одобу ахлоқи онҳо бо масъулияти баланд муносибат намоянд, онҳоро ба омӯзиши илму дониш, касбу ҳунар, эҳтиром ба қонун ва арзишҳои миллӣ ҳидоят созанд. Зеро ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳз дар дасти ҳамин насли нав аст. Ҳамчунин, модарону бонувони арҷманди мо бояд дар риояи муқарраroti қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ҳамеша намуна ва пешсафи ҷомеа бошанд. Зеро зан ва бонуи сарфаю сариштакор баракати манзил ва саодати хонадон аст. Хусусан, дар шароити бисёр ҳассоси ҷаҳони муосир мо бояд аз зиёдаравию исрофкорӣ ва намоишкориву зоҳирпарастӣ худдорӣ кунем, ҳамеша дар фикри аҳли оила ва фарзандони худ, яъне дар фикри зиндагии беҳтар бошем.

Модарону бонувони тоҷик давомдиҳандагони кору пайкори занони қаҳрамону таърихсози миллати куҳанбунёди тоҷик мебошанд ва мо аз онҳо ифтихор мекунем.

Мо – ҷавонмардон, яъне, фарзандони шумо – модарони азиз, ба қадри шири пок ва бедорхобиву заҳматҳои шабонарӯзии шумо ҳамеша мерасем, шуморо сидқан дӯст медорем, шаъну шараф ва қадру манзалати шуморо доим пос медорем.

Мо тамоми умр шуморо ҳамчун фариштаи офаранда ва тарбиятгару таълимдиҳандаи наслҳои солиму эҷодкор ба таври арзандаву шоиста қадрдонӣ мекунем.

Бо изҳори сипосу миннатдорӣ барои заҳмати фидокорона ва хизмати содиқонаатон ба Ватан бори дигар ҳамаи шумо – модарону бонувони гиромӣ ва хоҳарону духтарони азизро ба ифтихори Рӯзи модар аз самими қалб табрик мегӯям.

Ба ҳар яки шумо саломативу хушбахтӣ, иқболи нек ва дар ҷодаи ватансозиву давлатсозӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва пешрафти Тоҷикистони азизамон барори кор орзу менамоям.

**Ҷашн муборак, модарону бонувон ва хоҳарону духтарони азиз!**

# НАФАСИ ТОЗАИ НАВРӮЗ МУБОРАК БОШАД!

## Паёми табрикии вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода ба ифтихори ҷашни байналмилалии Наврӯз



**Устодон ва шогирдони азиз!**
**Муҳтарам аҳли маориф!**

Зеботарин ва гуворотарин фасли сол – баҳори оламоро, инак, боз диёри арҷманди моро ба оғӯш гирифтааст у ҳама ҷо саршор аз накҳату таровату зебоист ва аз саросари кишвар нидои шодмонию фараҳмандӣ ба гӯш мерасад. Ин ҳолат касро беихтиёр ба қазовате мерасонад, ки «Баҳор имсол хуштар менамояд, Ҷаҳон фирдавси дигар менамояд».

Баҳорро барҳақ, «ҷавонии ҷаҳон» мегӯянд ва воқеан, бо даррасидани он зиндагии нав оғоз меёбад ва ҳамагон дар худ неруи тоза дармеёбанду эҳёи табиатро эҳсос мекунанд ва бо азму иродаи қавӣ фаъолияти худро дар ҳамаи ҷабҳаҳо вусъат мебахшанд. Ҷашни Наврӯз, ки бо фарорасии баҳор таҷлил мешавад, шукӯҳу шаҳомати ин фасли нозанинро боз ҳам меафзояд.

Наврӯз бостонитарин ҷашни тоҷикон буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад ва бо табиату эҳёву шукуфоии он иртиботманд аст. Ин ҷашни нишотбахш чун шиносномаи тоҷикон эътироф шуда, далели барҷастаи тамаддуни ғанию фарогиру рангини миллати шарафманду сарбаланди мост. Дар ситоиши Наврӯз осори фаровоне дар адабиёти дирӯзу имрӯзи тоҷик эҷод шудааст, ки ҳама омезиш бо зебоию меҳру муҳаббат ва ифтихору самимият доранд. Дар аксари ин осор Наврӯз ҳамчун пайки эҳёи оламу одам ва оғози гардиши тозаи зиндагӣ тавсиф ёфтааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба фарҳангу таърих ва тамаддуни миллат таваҷҷуҳ ва эҳтироми махсус доранд, Наврӯзи фархундапайро ба таври фишурда, вале хеле ҳикматбору самимӣ ситоиш кардаанд: «Наврӯз ҷашни эҳёи табиат ва ибтидои зиндагии нав буда, мардумро ба сулҳу дӯстӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва бунёдкорию созандагӣ ҳидоят менамояд. Ин ҷашн ҳамчун гавҳари тобнок ва нишонаи ҷовидонаи тамаддуни халқи тоҷик ҳамеша нигаҳдорандаи мардум, миллат, забон расму оин, фарҳангу таърих ва ниҳоят, Ватан будааст».

Воқеан, бозгӯю тавзеҳи таърихи пайдид омадани Наврӯз дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ хеле саҳеҳу муассир ба қалам дода шудааст. Хушбахтона, ин асари безавол чанде пеш ҳамчун ҳадияи Пешвои муаззами миллат ба тамоми хонаводаҳои мамлакат тақдим карда шуд ва акнун аҳли диёр имкон доранд, ки бо варақ задани «Шоҳнома» дар радифи огаҳмандиҳои дигар аз таърихи Наврӯз ва ҳикмати он бевосита ошноӣ пайдо намоянд.

Ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ Наврӯз ба марҳалаи нави таърихии худ ворид гашт, шукӯҳу шаҳомати тоза дарёфт ва чун як рукни муҳимми давлату миллат шинохтаю эътироф шуд. Гузашта аз ин, Наврӯзи тоҷикон бо қарори махсуси Созмони Милали Муттаҳид ба феҳристи арзишмандтарин мероси фарҳангии башарият ворид карда шуду мақоми ҷаҳонӣ пайдо намуд ва 21 март Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон гардид. Барои чунин мақому мартабаи баланду бесобиқа дарёфтани Наврӯз Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сари меҳру муҳаббати бепоён ба арзишҳои маънавии халқи азизи худ ҷидду ҷаҳд ва талошҳои зиёд ба харҷ доданд. Ҳамакнун, наздик ба ду даҳсола мешавад, ки Наврӯзи оламафрӯзи мо дар саросари дунё барои тақвияти ҳусни тафоҳуми байни миллатҳову давлатҳо, таҳкими сулҳу ваҳдат, рушди робитаҳои фарҳангӣ ва пешрафти тамаддуни башарӣ хидмати пурсамару барҷаста мекунад.

Ҳамасола ҷашни Наврӯз аз ҷониби аҳли маорифи ҷумҳурӣ дар заминаи барномаи рангину нишотафзо ва дар сатҳи баланд таҷлил мешавад. Яъне, тантанаҳои наврӯзӣ дар тамоми муассисаҳои соҳаи маориф хеле бо шукӯҳ ҷараён меёбанд. Дар ин росто, чун анъана ҳар сол чанд муддат қабл аз фарорасии Наврӯз кормандони тамоми бахшу сохторҳои соҳа ҳашарҳо баргузор намуда, гирду атрофи таълимгоҳҳо, биноҳои маъмурӣ, коргоҳҳоро тозаю тамиз мекунанд ва ба ниҳолшинонӣ машғул мешаванд. Соли равон бо ибтикори Сарвари кишвар «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносию худогоҳии миллӣ» эълон шудааст. Ин ибтикори ватандӯстона, бешубҳа, боз ҳам ба авҷ гирифтани бунёдкорию созандагӣ дар саросари мамлакат мусоидат хоҳад кард.

**Дӯстони муҳтарам!**

Наврӯз ҷашни фархундаву файзбор ва ифодагари бартарии зиндагии осоиштаву хушу хуррамона аст ва моро ба накукорию хушбинӣ, дӯстию рафоқат, парастиши табиати диёр ва ба покизагию хушниҳодӣ ҳидоят мекунад. Он дар таркиби худ анъана ва расмиёти зиёдеро дорост, ки ҳама бо гуфтору рафтору пиндори нек пайванданд. Яке аз анъанаҳои дерину хушоянди Наврӯз ибрози таманниёти нек аст. Аз ин рӯ, ба ифтихори нафаси тозаи баҳорону Наврӯзи ҳусноро таманнои онро дорем, ки рӯзгорони мо пурнишоту фараҳбор, истиқлоламон устувор, дӯстию ҳамбастагиямон пойдор, ифтихору ҳувияти миллиамон баланд бошад ва аз ҷумла, соҳаи маорифи мамлакат боз ҳам рушд ёбаду пешрав бишавад ва ба фатҳи қуллаҳои навини илму фарҳангу дониш шарафёб гардад.

**Дӯстон, ҷашни дилафрӯз муборак бошад,**
**Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад!**

## Паёми табрикии раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулҳия Нозакзода ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ



**Муҳтарам омӯзгорон,**
**кормандони соҳаи маориф ва илм!**
**Ҳамкасбони гиромӣ!**

Бо камоли эҳтиром ва эҳсоси саршори ифтихор ҳамаи шуморо ба муносибати фарорасии ҷашни муқаддасу бостонии Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик мегӯям.

Наврӯз на танҳо як ҷашни миллӣ, балки ойини тамаддунсоз, рамзи эҳёи табиат, таҷдиди ҳаёт ва оғози марҳалаи нави рушду созандагии инсон аст. Ин ҷашни куҳанбунёд, ки решаҳои он ба умқи таърихи башарият пайванд мехӯрад, имрӯз ба яке аз муҳимтарин арзишҳои фарҳангии ҷаҳонӣ табдил ёфтааст ва ҳамчун ҷашни ваҳдатофар, сулҳпарвар ва инсонмеҳвар эътироф гардидааст.

Дар шароити ҷаҳонишавии фарҳангҳо ва бархӯрди тамаддунҳо, маҳз Наврӯз ҳамчун як арзиши муттаҳидкунанда қодир аст, ки инсонҳоро гирди ғояҳои некиву накукорӣ, дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтироми мутақобила муттаҳид созад. Аз ин ҷост, ки имрӯз Наврӯз на танҳо барои мардуми форсизабон, балки барои даҳҳо миллату халқиятҳои ҷаҳон ҷашни дӯстӣ ва ҳамбастагӣ маҳсуб меёбад.

Боиси ифтихор аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандона ва фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳё, ҳифз ва ҷаҳонӣ намудани ин ҷашни бузурги таърихӣ саҳми басо арзишманд гузоштааст. Маҳз бо ташаббусҳои пайваста ва сиёсати фарҳангпарваронаи Пешвои миллат Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуда, соли 2010 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ ба расмият шинохта шуд.

Ин иқдоми таърихӣ на танҳо эътирофи ҷаҳонии фарҳанги ғании тоҷикон аст, балки далели равшани он мебошад, ки Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои тамаддуни куҳан ва фарҳанги баланд метавонад дар таҳкими муколамаи тамаддунҳо ва густариши арзишҳои умумибашарӣ нақши муассир бозад. Пешвои миллат дар суханрониҳои худ борҳо таъкид намудаанд, ки Наврӯз на танҳо як ҷашни анъанавӣ, балки мактаби ахлоқ, инсондӯстӣ ва худшиносии миллӣ мебошад.

Имрӯз, вақте ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба арзишҳои инсонгароёна ва ҳамзистии осоишта ниёз дорад, таҷлили Наврӯз ҳамчун як падидаи фарҳангӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Он инсонҳоро ба поксозии маънавӣ, таҷдиди фикр ва эҳтиром ба табиат ҳидоят менамояд. Ин ҷашн моро водор месозад, ки бо дили пок, нияти нек ва иродаи қавӣ қадамҳои устувор гузорем.

Дар ин замина, нақши соҳаи маориф ва илм, бахусус, омӯзгорон дар тарғиб ва густариши арзишҳои Наврӯз бениҳоят муҳим мебошад. Омӯзгор ҳамчун тарбиятгари насли наврас бояд на танҳо дониш, балки фарҳанг, маънавиёт ва худшиносии миллиро низ ба шогирдон интиқол диҳад. Наврӯз як мактаби зиндаи тарбия аст, ки дар он арзишҳои меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба калонсолон, ғамхорӣ нисбат ба табиат ва масъулияти иҷтимоӣ таҷассум меёбанд.

Иттифоқҳои касабаи кормандони маориф ва илм ҳамчун як ниҳоди муҳимми ҷамъиятӣ дар ин раванд нақши калидӣ доранд. Иттифоқҳои касаба на танҳо ҳомии ҳуқуқу манфиатҳои иҷтимоии омӯзгорон ва кормандони илм мебошанд, балки дар тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ низ саҳми назаррас мегузоранд. Бо ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ, озмунҳо, ҳамоишҳо ва барномаҳои маърифатӣ, иттифоқҳои касаба дар зинда нигоҳ доштани анъанаҳои Наврӯз ва интиқоли онҳо ба насли ҷавон саҳм мегузоранд.

Имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ таҷлили Наврӯз ба як анъанаи зебо табдил ёфтааст. Омӯзгорон ва донишҷӯён бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ ин ҷашнро таҷлил намуда, суннатҳои онро эҳё ва густариш медиҳанд. Баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ, намоиши ҳунарҳои мардумӣ, пухтани таомҳои миллӣ, ташкил намудани бозиҳои анъанавию миллӣ ва дигар тадбирҳо ба таҳкими худшиносии миллӣ ва рушди маънавиёти ҷомеа мусоидат менамоянд.

Дар баробари ин, иттифоқҳои касаба дар самти беҳтар намудани шароити меҳнат ва зиндагии омӯзгорон, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии онҳо ва дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ низ фаъолияти назаррас доранд. Ин ҳама ба он мусоидат мекунад, ки омӯзгор бо рӯҳияи баланд ва эҳсоси масъулият дар тарбияи насли оянда саҳмгузор бошад.

Наврӯз, ҳамчунин, ҷашни меҳнат ва созандагӣ мебошад. Он моро ба ободкорӣ, тозагӣ ва эҳёи муҳити зист даъват менамояд. Дар доираи таҷлили Наврӯз ва истиқбол аз таҷлили шоистаи ҷашни муҳимми миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар тамоми гӯшаву канори кишвар корҳои ободониву созандагӣ вусъат меёбанд. Ин раванд, ки бо сиёсати созандагии Пешвои миллат пайванди ногусастанӣ дорад, ба рушди устувори кишвар ва беҳтар шудани шароити зиндагии мардум мусоидат менамояд.

Боиси зикр аст, ки дар Паёму суханрониҳои Пешвои миллат пайваста масъалаи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ҳифзи фарҳанги аҷдодӣ ва тарбияи насли худшинос таъкид мегардад. Наврӯз ҳамчун як ҷузъи муҳимми ин фарҳанг дар ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ ва ахлоқии ҷомеа нақши муҳим мебозад.

**Ҳамкасбони гиромӣ!**

Дар арафаи ин ҷашни фархунда, мо бояд бештар аз ҳар вақти дигар ба қадри арзишҳои миллӣ расем, фарҳанги худро эҳтиром намоем ва барои рушди он саҳмгузор бошем. Ҳар як омӯзгор, ҳар як корманди соҳаи маориф ва илм бояд худро масъули тарбияи насли соҳибмаърифат, ватандӯст ва худшинос эҳсос намояд.

Наврӯз моро ба ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагӣ даъват мекунад. Дар шароити имрӯза, ки ҷаҳон бо мушкилоти гуногун рӯбарӯст, маҳз ваҳдат ва ҳамбастагӣ метавонанд моро ба сӯйи пешрафт ва шукуфоӣ раҳнамоӣ намоянд. Тоҷикистон, ки таҷрибаи нодири сулҳу ваҳдатро дорад, метавонад дар ин самт намунаи ибрат барои дигар кишварҳо бошад.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ба ҳамаи кормандони соҳаи маорифу илм ва иттифоқҳои касаба барои меҳнати содиқона ва саҳми арзандаашон дар рушди ҷомеа изҳори сипос менамоям. Шумо бо заҳмати шабонарӯзии худ на танҳо дониш, балки фарҳанг, ахлоқ ва инсондӯстиро ба насли наврас меомӯзонед.

Боварии комил дорам, ки бо талошҳои муштарак ва бо такя ба арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, анъанаҳои неки Наврӯз, мо метавонем ҷомеаи солим, маърифатнок ва пешрафтаро бунёд намоем.

Дар фарҷом, бори дигар ҳамаи шуморо ба муносибати ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони тоҷик сулҳу оромӣ, хушбахтӣ, баракат ва файзу нусрат таманно менамоям. Бигзор Наврӯзи фархундапай оғози марҳалаи нави дастовардҳо, пешрафтҳо ва муваффақиятҳои нав барои ҳар яки шумо бошад.

**Наврӯзатон муборак, ҳамватанони азиз!**




# СЕЮМИН ФОРУМИ РЕКТОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

13 марти соли 2026 дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ сеюмин Форуми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон таҳти унвони «Таҳсилоти олӣ ва илми Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: уфуқҳои нави ҳамкорӣ» баргузор гардид.

Чорабинии мазкур бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон доир шуда, ҳамчун майдони муҳимми муколамаи илмӣ ва академӣ барои густариши ҳамкориҳои миёни донишгоҳҳои ду кишвар арзёбӣ гардид. Форум бо ҳадафи таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ дар соҳаи маорифи олӣ ва илм, рушди робитаҳои академӣ, густариши табодули таҷриба ва ташаккули фазои ягонаи таълимӣ миёни муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон баргузор гардид.

Дар маросими ифтитоҳи форум вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон Қунғратбой Шарипов, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эргаш Шоисматов, муовинони вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ректорони донишгоҳҳо ва намояндагони ҷомеаи илмии ду кишвар иштирок намуданд.

Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии худ меҳмононро хайрамақдам гуфта, баргузории чунин форумҳоро қадами муҳим дар таҳкими ҳамкориҳои илмию таълимӣ миёни ду кишвари дӯсту ҳамсоя арзёбӣ намуд. Ба гуфтаи вазир чунин чорабиниҳо дар баробари мусоидат ба рушди робитаҳои байнидонишгоҳӣ барои наздиктар гардидани халқҳои бародар ва таҳкими робитаҳои гуманитарӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон яке аз шарикони муҳимми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва илм ба ҳисоб рафта, ҳамкориҳои ду кишвар дар ин самт ба заминаи устувори ҳуқуқӣ ва созишномаҳои байнидавлатӣ такя мекунад.

Ҳамчунин, дар маросими ифтитоҳи форум вазири таҳсилоти олӣ, илм ва инноватсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон суханронӣ намуда, аз ташкили чунин чорабинии муҳим истиқбол кард. Ӯ таъкид намуд, ки ҳамкориҳои илмӣ ва таълимӣ миёни донишгоҳҳои ду кишвар дар солҳои охир ба таври назаррас густариш ёфта, барои рушди таҳқиқоти муштарак, табодули донишҷӯёну омӯзгорон ва татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст. Ба гуфтаи ӯ, форумҳои ректорон имконияти хубе барои табодули таҷриба, баррасии масъалаҳои мубрами рушди таҳсилоти олӣ ва муайян намудани самтҳои нави ҳамкориҳо миёни донишгоҳҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон мебошанд.

Дар идомаи маросими ифтитоҳӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Узбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад намуда, изҳор дошт, ки муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Ӯзбекистон дар солҳои охир ба сатҳи нав баромада, бахши маориф ва илм дар ин раванд мавқеи муҳим дорад. Ба таъкиди ӯ, густариши ҳамкориҳо миёни донишгоҳҳои ду кишвар, амалисозии барномаҳои муштараки таълимӣ ва таҳқиқоти илмӣ ба таҳкими робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ ва рушди устувори минтақа мусоидат менамояд.

Дар рафти рафти форум зикр шуд, ки соҳаи маориф яке аз самтҳои калидии ҳамкориҳои стратегӣ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба шумор меравад. Рушди ҳамкориҳои академӣ ба баланд бардоштани сифати омодасозии мутахассисон, таҳкими робитаҳои фарҳангӣ ва гуманитарии байни халқҳои ду кишвар нақши муҳим мебозад. Татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ, анҷом додани таҳқиқоти илмии муштарак, табодули донишҷӯён ва омӯзгорон, инчунин ҳамкории мустақими донишгоҳҳо заминаи боэътимод барои ташаккули фазои ягонаи академӣ ва омодасозии кадрҳои рақобатпазирро фароҳам меорад.

Гуфта шуд, ки имрӯз ҳамкориҳои донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Узбекистон ба таври фаъол рушд ёфта, хусусияти амалӣ касб намудаанд. Барномаҳои табодули академӣ, лоиҳаҳои муштараки таълимӣ ва таҳқиқоти илмӣ ба таври васеъ татбиқ гардида, баргузории форумҳои ректорон, конференсияҳои илмӣ ва дигар чорабиниҳои байналмилалӣ ба густариши робитаҳои мустақим миёни донишгоҳҳо мусоидат менамояд. Баргузории ду форуми қаблии ректорони донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар Душанбе ва Тошканд, таъсиси факултети муштарак миёни Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии иқтисодии Тошканд, инчунин, амалисозии барномаҳои табодули омӯзгорону донишҷӯён намунаи равшани таҳкими робитаҳои илмию таълимии ду кишвар мебошанд. Дар айни замон донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо донишгоҳҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёда аз 100 созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расонидаанд, ки ин заминаи устувор барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳои илмӣ ва академии ду кишвар мебошад.

Дар идомаи форум ректорони як қатор донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бо маърузаҳо баромад намуда, масъалаҳои муҳимми рушди ҳамкориҳои илмӣ, густариши барномаҳои таълимии муштарак, рушди таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсиониро баррасӣ карданд.

Ҳамчунин, дар доираи чорабинӣ маросими имзои созишномаҳои нави ҳамкорӣ миёни донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон баргузор гардид, ки ба густариши робитаҳои академӣ ва рушди барномаҳои муштараки таълимӣ мусоидат хоҳад кард.

Иштирокчиёни форум таъкид намуданд, ки густариши ҳамкориҳои миёни донишгоҳҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон барои рушди илму маориф, омодасозии кадрҳои баландихтисос ва таҳкими муносибатҳои дӯстонаи ду кишвари ҳамсоя аҳаммияти муҳим дорад.

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МОДАР ДАР ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМ

**5-уми марти соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори Рӯзи модар ҳамоиши идона баргузор гардид. Дар ҳамоиш вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовинони вазири маориф ва илм, занону бонувони собиқадори соҳаи маориф ва раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказии вазорат иштирок намуданд.**



Вазири маориф ва илм занону бонувони собиқадори соҳа ва кормандони дастгоҳи марказиро ба муносибати Рӯзи модар самимона табрик намуда, ба ҳар яки онҳо саломатии бардавом, хушбахтии ҷовидонӣ, рӯзгори пурфайзу баракат, хонадони ободу осуда ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно кард. Ҳамзамон қайд намуд, ки модар рамзи меҳру муҳаббати бекарон, вафодорию садоқати беназир ва ҳусну тароватi ҷовидонӣ буда, ҳаёти ҳар як фард аз домани поки ӯ оғоз ёфта, ситоиши модар чун меҳру муҳаббати ӯ интиҳо надорад. Ҳастии мо, кору фаъолияти пурсамари мо бидуни модар ва меҳрубонию ғамхорию роҳнамоиҳои ӯ имконнопазир аст. Дар кулли корҳои мо нақши барҷастаю мондагори дастони модар равшан эҳсос мешавад, ки ин худ нишона аз бузургии эшон аст.

Гуфта шуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ борҳо ба мақоми баланди зан-модар таъкид намуда, онҳоро чароғи хонадон ва тарбиятгари наслҳои оянда номидаанд: «Занон ва модарон неруи бузурги ҷомеа мебошанд, ки дар таҳкими оила, тарбияи фарзандон ва пешрафти давлат нақши калидӣ доранд», - иброз доштаанд Пешвои миллат. Ин гуфтаҳо нишон медиҳанд, ки давлат ба мақоми зан-модар аҳаммияти махсус медиҳад ва барои баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа тадбирҳои муҳим меандешад. Нақши бонувони мо, махсусан, дар соҳаи маориф барҷастаю назаррас буда, барои таҳкими дастовардҳои Истиқлолият ва бунёди давлатдории миллӣ саҳми сазовор мегузоранд.

Дар идома маърӯзаи сармуҳаррири нашрияи "Омӯзгор" Э. Сафарзода дар мавзуи "Нақши зан – модар дар таҳкими давлатдории миллӣ" шунида шуд.

Қисмати фарҳангии чорабиниро барномаҳои рангини ҳунарӣ, ки аз ҷониби ҳунармандони варзида ва ҳаваскорони санъат иҷро шуд, шукӯҳу тароватi хосса зам намуда, фазои идонаро боз ҳам рангинтар намуд.

Дар фарҷоми ҳамоиш, вазири маориф ва илм ба иштирокчиёни чорабинӣ, бахусус занону бонувони собиқадор ва кормандони фаъоли вазорат, барои фаъолияти пурсамар ва саҳми арзандаашон дар рушди соҳаи маориф изҳори миннатдорӣ намуда, ба онҳо туҳфаҳои хотиравӣ тақдим намуд.

**Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм**

# ЧОРАБИНИИ ТАНТАНАВӢ БА ИФТИХОРИ РӮЗИ МОДАР




Дар маҷлисгоҳи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм ба муносибати Рӯзи модар бо иштироки раисони ташкилотҳо, фаъолони иттифоқи касаба ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.

Зулҳия Нозакзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронӣ дар ҷамъомади тантанавӣ занону бонувони Иттифоқи касабаи маориф ва илмро ба муносибати Рӯзи модар самимона шодбош гуфта, нақши зан-модари тоҷикро дар ҳифзи музаффариятҳои даврони соҳибистиқлолӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории навини миллӣ бузургу беназир арзёбӣ намуд.

Таъкид гардид, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рисолати инсонофариву ҳаётбахши модарони тоҷикро ҳамеша қадр намуда, ба сиришти поку номи нек ва заҳмату фидокориҳои онҳо дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ҳамеша арҷ мегузоранд.

Зикр шуд, ки Рӯзи модар дар Тоҷикистони соҳибистиқлол муждаи оғози фасли баҳор ва фарорасии ҷашни Наврӯзи дилафрӯз буда, аз мутобиқати сиришти занону духтарони тоҷик ба зебоиву рангорангии табиати Тоҷикистон башорат медиҳад.

Дар ҷамъомади тантанавӣ заҳмати шарафманду хизмати содиқонаи занону духтарони тоҷик дар соҳаи илму маориф махсус таъкид карда шуд. Бо мақсади арҷгузорӣ ва хизматҳои арзанда, фаъолияти пурсамар ва таҳкими эҳсоси қадрдонӣ як қатор фаъолони соҳа бо мукофотҳои соҳавӣ қадрдонӣ шуданд.

# ТАНТАНАҲОИ НАВРӮЗИ ОЛАМАФРӮЗ

21 марти соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати ҷашни байналмилалии Наврӯз чорабинии идона бо иштироки вазири маориф ва илм Раҳим Саидзода, муовинони вазир ва кормандони дастгоҳи марказии вазорат баргузор гардид.



Чорабинӣ бо сухани табрикотии вазири маориф ва илм оғоз гардида, мавсуф ҳозиринро ба ифтихори фарорасии ҷашни бостонии Наврӯз самимона табрику таҳният намуд. Вазири маориф ва илм зимни баромади худ таъкид дошт, ки Наврӯз ҳамчун яке аз куҳантарин ҷашнҳои ниёгони тамаддунсози тоҷик дорои таърихи беш аз шашҳазорсола буда, ифодагари фарҳанги ғанӣ, ҷаҳонбинии баланд ва арзишҳои умумибашарии миллати тоҷик мебошад.

Зикр гардид, ки Наврӯз дар баробари ҷашни эҳёи табиат, мактаби бузурги ахлоқиву маънавӣ ба шумор рафта, инсонҳоро ба сулҳу дӯстӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, покизагӣ ва накукорӣ ҳидоят менамояд. Дар ин замина, аз суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда, нақши Наврӯзро дар таҳкими арзишҳои миллӣ ва худшиносии ҷомеа муҳим арзёбӣ намуд.

Ҳамзамон, таъкид шуд, ки ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат ҷашни Наврӯз мақоми байналмилалӣ касб намуда, соли 2010 аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид 21 март Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон гардид. Имрӯз ин ҷашни фархунда ҳамчун омили таҳкими сулҳу ваҳдат, густариши ҳамкориҳои фарҳангӣ ва наздикшавии миллатҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ хизмат менамояд.

Иброз шуд, ки Наврӯз, пеш аз ҳама, ҷашни покизагӣ ва ободонӣ буда, аҳли маорифи кишвар ҳамасола дар корҳои ободонӣ, сабзкорӣ ва беҳдошти муҳити муассисаҳои таълимӣ фаъолона иштирок менамоянд. Дар идома таъкид гардид, ки кормандони соҳаи маориф вазифадоранд, аз арзишҳои волои Наврӯз илҳом гирифта, дар тарбияи насли наврас бо ҳисси баланди масъулият, худшиносӣ ва ватандӯстӣ саҳми арзанда гузоранд.

Қисмати фарҳангии чорабинӣ бо намоиши барномаи ҷолиби консертӣ аз ҷониби дастаҳои ҳунарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ҳунармандони хушсалиқаи кишвар идома ёфта, ба чорабинӣ шукуҳи идонаи хоса бахшид.

# НАЗАРЕ БА ТАЪРИХИ ҶАШНИ НАВРӮЗ

**Таърихи ташаккули ҷомеаи инсонӣ, ҳамзамон, ин таърихи ҷашну идҳо, санаҳои сарнавиштсозу таърихсози ин ва ё он халқияту миллатҳои сокини сайёра маҳсуб меёбад. Марбут ба ҳамин гуфтаҳо, ҳар як ҷашн, иду санаҳои таърихӣ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои ҷаҳон мақому манзалати ба худ хоси худро доранд ва маъмулан маҳсули эҷоду дастоварди махсуси халқияту миллати мушаххас шинохта шудаанд.**

Ҷашни Наврӯз маҳз аз қабили он ҷашнҳоест, ки бузургиаш беш аз панҷ ҳазор солро фаро гирифта, ҳатто метавон гуфт то гаравидани инсон ба машқи хату эҷоди солноманависии одамон арзи ҳастӣ кардааст. Ин ҷашн ҳамон қадаре, ки маҳсули тахайюлу саҳми одамони аҳди қадим дар як гӯшаи Замин шинохта шавад, то ҳамон андоза маҳсули офаридаи табиати афсункор низ мебошад. Зеро табиат дар ҳаракати ҷовидонаву шаклу рангивазкуниҳои худ ба инсонҳо ғизои маънавии эҷоди иди мазкурро фароҳам овардааст.

Тибқи тақвими астрономии офтобӣ, баробаршавии шабу рӯз дар халқият ва миллатҳои форсинажод, ки сароғози фасли нав дар табиат маҳсуб меёбад, ҳамзамон, дар масоили дарку фаҳмиши зеҳнии сокинони аҳди бостонии ин сарзамин ифодакунандаи орзую омол, шодию нишот, умед ба фардои нек, хуруҷи аз зебоиҳои табиат манша мегирад, орзую омол, шодию нишоти хешро инъикос карда, умед ба фардои неки дурахшон менамояд. Дар радифи офаридаҳои шоирону нависандагон тавсифи Наврӯзи оламафрӯз мақому манзалати хосса дорад. Бешак, дар адабиёти пурғановати форсу тоҷик адиберо пайдо кардан душвор аст, ки Наврӯзро тараннум накардаву дар васфи он чизе эҷод накарда бошад. Дар радифи ҳазорҳо таълифоти ба Наврӯз бахшидаи аҳли адаб, рисолаи безаволи ҷанбаи фалсафӣ ва илмидоштаи «Наврӯзнома»-и Умари Хайём мақоми ба худ хосро дорад. Дар ин асар шоир, файласуф, нуҷумшинос ва риёзидони маъруфи қарни ёздаҳи форсу тоҷик ҳаким Умари Хайём бо маҳорати ба худ хос ба истифодаи оқилонаи маъхазу сарчашмаҳои зиёд ва инчунин, манобеи таърихию иҷтимоии замони худ оид ба Наврӯз асаре офаридааст, ки муҳтавои он то замони мо аҳаммияту воқеияти аслиашро аз даст надодааст.

Иттилооте, ки аз рисолаи Умари Хайём дар васфи Наврӯз бармеояд, ҷашни мазкур ҷашни тақвимии одӣ нест, балки он маросимест, ки аз ибтидоӣ бедоршавии табиат оғоз шуда, ҳамзамон, дар худ меҳру садоқат ва муҳаббату самимияти инсонҳоро таҷассум менамояд.

Тибқи солшумории шамсии ҳиҷрӣ, ки рӯзи 21-уми марти солшумории мелодӣ ба якуми моҳи форсзабон аз он ифтихор доранд, ки ҷадвали солшумории зардуштӣ, ки яке аз қадимтарин ҷадвалҳои ҷанбаи илмидошта ба ҳисоб меравад, то ҳанӯз моҳияти худро гум накарда, дар муҳосибаи вақт ва ҷобаҷогузории фаслҳо саҳеҳияти зиёд дорад.

Тақвими форсҳои қадим бошад, асосан, дар заминаи сайёраи Зуҳал, ки онро форсҳо Кайвон, ки маънии «Ҳокими вақт»-ро дорад, ном мебаранд. Ҳар як сол тибқи муқаррароти ин тақвим рамзи хоссаи ҳайвони муқаддас – паноҳдиҳандаи сол дорад, ки то ба имрӯз ҳастии худро аз даст надодааст. Чунончӣ, гов, харчанг, шеър, каждум, тир, моҳӣ ва ғайраҳо. Шоҳони форс ҳангоми нишастан ба тахти шоҳӣ қасам ёд мекарданд, ки ба тақвими муқаддас тағйирот ворид нахоҳанд кард. Ҳамаи ин маросимҳо дар таърихи ҷашни Наврӯз дарҷи воқеии худро пайдо кардаанд. Шояд ҳамин устуворӣ буд, ки ҷашни Наврӯз то аҳди мо таърихи зиндаи даврони қадимаро ҳифзу дастраси ҳазорҳо нафар наслҳои минбаъдаи ҷомеаи инсонӣ гардонидааст.

Айни замон халқияту милатҳои мухталиф Наврӯзро ҳамчун ид таҷдид менамоянд. Агарчӣ дар ҳар як кишвар ба Наврӯз то андозае ҷомаи миллӣ пӯшонанд ҳам, вале мазмуну мундариҷаи қадимаи он – меҳру муҳаббат ба табиат, обу замин, офтобу оташ, меҳру садоқати инсонӣ, шукргузорӣ аз неъматҳои яздонӣ ва



эҳсосоти рангин, навозиши рӯҳу ҷон ва дар маҷмуъ, тимсоли фардои саодатбору орӣ аз ғаму андуҳ мебошад, ки аз ҷониби сокинон бо ифодаи шоиронаи фасли баҳор муаррифӣ гардидааст. Оғози фасли баҳор ва тамоми падидаҳои зебову дилангезе, ки аз ин фасл сарчашма гирифтаву дар деги ҳамеша пурҷӯшу хуруши табиат ҷӯшида рангу тобиши хоса пайдо менамояд, бо азму иродаи одамон дар маркази ҷашни Наврӯз таҷассуми хешро пайдо кардаанд.

Таърихи ташаккули инсон бозгӯйи он аст, ки об, замин ва офтобу оташ сарчашмаҳои асосии зиндагии инсон маҳсуб меёбанд. Маҳз дар ҳамин замина ҷашни Наврӯз низ арзи ҳастӣ намудааст. Чун инсон бидуни эҳсоси гармӣ, ки он бо нури равонбахшу тавонбахши офтоб ва ҳарорати ҷонгудози оташ тавъам мебошад, дар маркази ҷашни Наврӯз низ ҳамин падида, яъне, оташ аз мақому манзалати он бархурдор гардидааст. Бо ифодаи шоир:

**Аз оташу обу боду хокем ҳама,**
**З-ин ҷор чу набванд ҳалокем ҳама.**

Ҷашни Наврӯз, ки пеш аз панҷ ҳазор солро фаро гирифтааст, маҳсули эҷоди табиат ва тахаюйли инсон буда, дар раванди ташаккули хеш ҳамеша омезишёбии мазмуни мантиқи табиат ва инсонро таҷассум менамояд. Зеро табиат, ки ифодакунандаи фаслҳои сол мебошад, дар як давраи шакливазкунии хеш баъд аз фориғ шудан аз сардиву сармо, нармиву гармиро дар хидмати инсон вомегузорад. Дар навбати худ, инсон, ки бо камоли миннатпазирӣ аз неъмати атокардаи табиат баҳраёб мегардад, ин атои табиатро бо номи зебову рӯҳнавози фасли баҳор номгузорӣ намудааст ва дар зери ин мафҳум, ки асосан, ҳамал мутобиқ аст, баробарии шабу рӯз фароҳам меояд, ки маҳз ҳамин падидаи табиат асоси иди Наврӯзро созмон додааст.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки оғози рӯз аз тӯлуи офтоб шуруъ мешавад, вале дар табиат бошад, рӯзи нав аз омадани баҳор ва зиндашавӣ аз хоби гарони фасли сармо бедоршавии он арзи ҳастӣ менамояд.

Бо ифодаи дигар, замоне ки офтоб ба лонаи ибтидоии худ ворид мешавад, аз лиҳози фарогирии вақт шабу рӯз дар табиат баробарвазн мегарданд. Дар ҳамин иртибот, дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём ривояте оварда шудааст, ки гӯё оғози олам дар лаҳзае офарида шудааст, ки вақте офтоб аз болои Парвин гузашта, равшанӣ ва торикӣ аз ҳам барангехтанд ва рӯзу шаб арзи ҳастӣ намуданд.

Аз ривоятҳо ва дигар далелҳои аз забон ба забон расидаи мардум метавон хулоса кард, ки ҷашни Наврӯз ҳанӯз аз ибтидои пайдоишаш ба ягон дину мазҳаб робита ва пайванде надорад. Воқеияти пайдоиши он бевосита аз табиат падидаҳои марбут ба он, аз қабили заминдорӣ марбут буда, то ба имрӯз ин падидаҳо асолати худро аз даст надодаанд.

Бояд гуфт, ки таърихи Наврӯз ба руҷӯи ҷадвали солшумории кишоварзӣ алоқамандии зич дорад ва аз идҳои калисои григорианӣ, арабӣ ва яҳудӣ бо он фарқ мекунад, ки ба ин ва ё он рӯйдоди таърихӣ ва ё ҳодисаи таҳаввулотбахши ҷомеаи инсонӣ ҳамрадиф нест. Ин ҷадвал аз мавқеи ҷойгиршавии офтоб ва сайёраҳои Кайҳон маншаъ гирифта, дар асоси таҳқиқоти илмии астрологӣ ва астрономӣ ба вуҷуд омадааст.

Зимнан, то ба имрӯз мардуми амсоли ин маросимҳои наврӯзӣ дар маркази таҷлили ҷашни мазкур боқӣ мондааст. Масалан, дар Афғонистон тайёрӣ ба ин ид 40 рӯз пеш оғоз мегардад. Дар мақбараи Имом Алӣ, ки дар шаҳри Мазори Шарифи вилояти Балхи ин кишвар ҷойгир шудааст, аз ҳар гӯшаю канори мамлакат камбизоатону фақирон, бенавоёну маъюбон ҷамъ меоянд ва тоату ибодат менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯзро ҳамчун иди ҷашни баҳор, иди зебоӣ, иди тантанаи деҳқонон ва кишоварзон мешиносанду дӯст медоранд. Дар ин рӯзҳо деҳқонон маҳсули дастранҷи худро ба намоиш мегузоранд, мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ ташкил карда мешаванд, дар ҳар идораю ташкилот ва шаҳру ноҳия ин ҷашнро бо шаҳомати хос таҷлил мекунанд.

Одамон дар рӯзи ҷашни Наврӯз либосҳои наву зеборо ба бар намуда, ҳамзамон хӯрокҳои болаззати идона мепазанд. Ҳама, аз хурд то калон, дар бозиҳои идона ширкат варзида, хурсандӣ менамоянд ва ба хонаҳои якдигар ба меҳмонӣ рафта, тухфа тақдим менамоянд, ҳамдигарро самимона шодбош гуфта, бо фарорасии баҳор муборакбод менамоянд. Инчунин, чун анъанаи дерина дар ин рӯз ҳама гуноҳҳои якдигарро бахшидаю оштӣ мекунанд ва суханони ширине, ки аз қалб мебароянд, ба якдигар мегӯянд.

Наврӯз иди умедҳо барои хушбахтӣ, саодат, ибрози меҳру муҳаббати одамон ба якдигар аст.

**Фозил ЁРЗОДА,**
**номзади илмҳои педагогӣ,**
**раиси Иттифоқи касбаи**
**кормандони АМИТ**




# ЧОРАБИНИИ ИДОНА БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ НАВРӮЗ

17 марти соли равон дар муассисаи давлатии хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд чорабинӣ фарҳангиву варзишӣ бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ Гулсара Мирзозода-сардори раёсати маорифи вилоят, Шарифулло Абдуллозода-раиси Шурои иттифоқҳои касабаи вилоят, Мӯсобек Самизода- раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят, собиқадорони соҳаи маориф аз тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят, аъзоёну фаъолон, раисони иттифоқи касаба ва меҳмонон иштирок намуданд. Дар назди даромадгоҳи муассиса аз тарафи хонандагони муассиса бозиҳои наврӯзӣ ташкил карда шуд. Сипас, дар варзишгоҳи муассиса қисми тантанавии чорабинии наврӯзӣ оғоз гардид.

Нахус, раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд М.Самизода, сардори раёсати маорифи вилоят Г.Мирзозода ва раиси Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд Ш.Абдуллозода ҳозиринро табриу таҳният гуфта, дар бораи муҳиммияти ҷашн гирифтани Наврӯзи байналмиллалӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, пос доштани суннату анъанаҳои неки ниёгон андешаҳои судманд баён намуданд.

Баъдан аз тарафи Иттифоқи касаба ба 30 нфар хонандаи муассисаҳои таълимии шаҳри Хуҷанд ва 30 нафар собиқадор аз ҷониби Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

Инчунин, ба 70 нафар омӯзгорону кормандони фаъоли муассисаҳои таҳсилоти миёна, олӣ ва миёнаи касбии шаҳру ноҳияҳо ифтихорномаву сипосномаҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шурои иттифоқҳои касабаи вилояти Суғд ва Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд супорида шуд.

Бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим дар рафти чорабинии наврӯзӣ як силсила чорабиниҳои варзишӣ ташкил ва гузаронида шуд. Ҳамзаомн, бо мақсади инкишофи истеъдодҳои нав, баланд бардоштани дарки зебоиву эстетикӣ ва ҳавасманд гардонидани омӯзгор-занони боистеъдод байни занони фаъоли иттифоқи касаба озмуни “Маликаи Наврӯз” гузаронида шуда, ғолибон бо тухфтҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Суруду мусиқиҳои дилнавоз дар васфи Ватан ва Наврӯз аз ҷониби сарояндагони номии вилоят анҷомбахши чорабинӣ гашт.

# ВМКБ: ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ВА ҚАДРДОНИИ КОРМАНДОН



18 марти соли равон дар толори Шурои иттифоқҳои касабаи вилоят бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ чорабинӣ баргузор гардид. Дар чорабинӣ раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят, аъзоёни фаъоли иттифоқи касаба, раисони ташкилотҳои ибтидоии шаҳру ноҳияҳои вилоят иштирок намуданд.

Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят Мавлоназар Марамбек аз дастгириҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдоварӣ намуда, қайд кард, ки дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Наврӯзи бостонӣ дар сарзамини мо ҳамчун муҳимтарин ҷашни миллӣ таҷлил карда мешавад.

Ҷашни Наврӯзи Аҷам аз комилтарину машҳуртарин ҷашнҳо аст, ки дар байни мардумони олам аз қаъри асрҳо то кунун эътибору манзалати худро ҳифз кардааст, зеро Наврӯз аз рӯзи аввали ҷашнвора эълон гаштанаш ба худ хусусияти фаромиллӣ касб намуда, аз марзҳои фарҳанги ҷаҳонӣ дар қаламрави инсонӣ гаштааст.

Дар фарҷоми чорабинӣ раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят омӯзгоронро ба муносибати ҷашни Навруз табрик намуда, як зумра кормандон барои саҳми муносиб гузошатан дар таҳкими ҳаракати иттифоқи касаба ва фаъолияти самарабахш дар тарбияи насли наврас бо мукофотҳои соҳавию-молиявӣ сарфароз гардонида шуданд.

# ОМИЛИ ПЕШРАФТИ ДАВЛАТ ВА ТАҲКИМИ ПОЯҲОИ ҶОМЕАИ ДОНИШБУНЁД

Ба ҳамагон маълум аст, ки санаи 16 декабри соли 2025 Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар баргузор гардад.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, рушди устувори ҳар як давлат бевосита ба сатҳи ташаккули сармояи инсонӣ вобаста мебошад. Сармояи инсонӣ, пеш аз ҳама, тавассути низоми муассири маориф ташаккул меёбад. Аз ин ҷост, ки соҳаи маориф дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок ва стратегӣ муайян гардидааст.

Имрӯз мо дар остонаи марҳалаи нави рушди соҳаи маориф қарор дорем. Дар Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маориф ҳамчун омили калидии пешрафти давлат ва таҳкими пояҳои ҷомеаи донишбунёд мавқеи меҳварӣ касб намудааст.

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки сармоягузорӣ ба инсон, хусусан, ба маориф, самараноктарин ва дурнамотарин сармоягузорӣ мебошад. Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷаи мо баланд бардоштани сифати таҳсил, мутобиқ сохтани мазмуну усулҳои таълим ба талаботи замон ва омода намудани мутахассисони рақобатпазир мебошад.

Маориф ҳамчун пояи асосии рушди давлатдорӣ, тарбияи инсон ва ташаккули ҷомеаи мутамаддин дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати давлатӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ҳар як нуктаи Паём, ки ба омӯзгор, таълим ва маърифат марбут аст, барои мо – аҳли маориф на танҳо дастур, балки масъулияти бузург ба шумор меравад.

Сарвари давлат таъкид намуданд, ки рушди иқтисоди миллӣ бе кадрҳои баландихтисос ғайриимкон аст. Кадрҳо танҳо дар заминаи низоми муассири маориф ташаккул меёбанд ва маориф бояд пешсафи дигар соҳаҳо бошад. Аз ин лиҳоз, маориф на танҳо соҳаи иҷтимоӣ, балки соҳаи стратегӣ арзёбӣ мегардад.

Дар Паём Пешвои муаззами миллат ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз ҷумла, зиёд гардидани музди маоши кормандони соҳаи маориф ва тақвияти озмунҳои ҷумҳуриявии маърифатӣ, бахусус, озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»-ро ҳамчун самтҳои афзалиятнок таъкид карданд.

Яке аз муҳимтарин нуктаҳои Паём ин зиёд гардидани музди маоши кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, омӯзгорон мебошад. Ин иқдом далели равшани он аст, ки давлат заҳмати омӯзгорро қадр мекунад ва нақши ӯро дар рушди ҷомеа бисёр муҳим мешуморад.

Омӯзгор шахсест, ки наслиояндаро тарбия мекунад, ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маърифати ҷомеаро шакл медиҳад. Бинобар ин, дастгирии иҷтимоии омӯзгорон дар асл сармоягузорӣ баояндаи давлат ва миллат мебошад.

Баланд шудани музди маош на танҳо шароити моддии омӯзгорро беҳтар мекунад, балки рӯҳияи ӯро низ боло мебарад, ҳисси қадршиносӣ ва масъулиятро тақвият медиҳад. Омӯзгоре, ки аз ҷониби давлат дастгирӣ меёбад, бо дилпурӣ ва муҳаббати бештар ба касби худ хизмат мекунад.

Бо зиёд гардидани ғамхории давлат масъулияти омӯзгор низ бештар мегардад. Имрӯз ҷомеа аз омӯзгор танҳо интиқоли донишро интизор нест, балки тарбияи шахсияти комил, соҳибахлоқ, ватандӯст ва соҳибмаърифатро талаб мекунад.

Омӯзгори муосир бояд дониши амиқи фаннӣ дошта бошад, аз усулҳои наву инноватсионии таълим истифода намояд, қобилияти тафаккури интиқодӣ ва эҷодии хонандаро рушд диҳад, арзишҳои миллӣ ва умумибашариро дар шуури хонандагон ҷой диҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таъсири фарҳангҳои гуногун, маҳз омӯзгор метавонад хонандаро ба роҳи дурусти худшиносӣ ва маърифат ҳидоят намояд.

Ҷавобан ба ин ғамхории рӯзафзуни давлату ҳукумат ва бахусус, Пешвои муаззами миллат мо – омӯзгоронро водор месозад, ки бо дасту дили гарм кору фаъолият намуда, ҷавонону наврасонро дар рӯҳияи ватандӯстиву меҳанпарастӣ,



арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ тарбия намоем, ки дар оянда онҳо парчамбардрони ҳамин миллат ва ҳамин давлати ободу зебо бошанд.

Дар Паём Пешвои муаззами миллат ба рушди маърифат ва фарҳанги китобхонӣ диққати махсус доданд. Дар ин замина, озмунҳои ҷумҳуриявӣ, бахусус, «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҳамчун воситаи муҳимми баланд бардоштани сатҳи маънавӣ ва зеҳнии ҷомеа арзёбӣ гардиданд.

Ин озмун имрӯз ба як ҳаракати умумимилӣ табдил ёфтааст, ки қишрҳои гуногуни ҷомеа – хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон ва зиёиёнро муттаҳид месозад. Ҳадафи асосии озмун эҳёи суннати китобхонӣ, ташаккули завқи мутолиа ва кашфи истеъдодҳои нав мебошад.

Китоб сарчашмаи дониш ва худшиносӣ барои ҳар миллат ва давлат ба шумор меравад. Китоб асрҳо боз манбаи дониш, хиради инсонӣ ва таҷрибаи таърихӣ мебошад ва миллате, ки китоб мехонад,ояндаи равшан дорад. Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» маҳз ба ҳамин ҳадаф нигаронида шудааст.

Дар замоне ки технологияҳои рақамӣ диққати наврасонро бештар ҷалб мекунанд, вазифаи омӯзгор дар ҷалби хонандагон ба китоб боз ҳам муҳимтар мегардад. Мо бояд китобро ҳамчун дӯсти беҳтарин, роҳнамои зиндагӣ ва манбаи маърифат муаррифӣ намоем.

Нақши омӯзгор дар омода намудани хонандагон ба озмун басо муҳим арзёбӣ мегардад ва омӯзгор дар муваффақияти озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» ҳалкунанда мебошад. Маҳз омӯзгор аст, ки муҳаббат ба китобро дар дили хонанда бедор мекунад, ба интихоби адабиёти арзишманд роҳнамоӣ менамояд, истеъдодҳоро ошкор ва дастгирӣ мекунад, бо сабру таҳаммул хонандаро то муваффақият ҳамроҳӣ менамояд.

Озмунҳои маърифатӣ на танҳо дар доираи мактаб, балки ба муҳити оилавӣ ва иҷтимоӣ низ таъсири мусбат мерасонанд. Вақте дар оила падару модар китоб мехонанд, таъсири мусбие ба кӯдак мерасонад, аммо вақте кӯдак китоб мехонад, фарҳанги оилавӣ боло меравад, муҳити маънавӣ ташаккул меёбад ва ҷомеа тадриҷан ба сӯйи маърифат рӯ меорад.

Бо дарназардошти дастурҳои Паёми Пешвои миллат, мо – омӯзгорон вазифадорем, ки сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо баланд бардорем, китобхониро ҳамчун арзиши асосӣ тарғиб намоем, хонандагонро ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ фаъолона ҷалб кунем, донишу малакаи худро пайваста такмил диҳем, ба ғамхории давлат бо меҳнати содиқона ҷавоб гардонем.

Масъалаи дигар ин нақши маориф дар таъмини амнияти миллӣ маҳсуб ёфтанаст.

Аз диди дигар, маориф яке аз унсурҳои муҳимми амнияти миллӣ мебошад. Ҷомеаи босавод камтар зери таъсири идеологияҳои ифротӣ қарор мегирад ва бештар ба қонун, фарҳанг ва давлатдорӣ арҷ мегузорад.

Дар Паём таъкид гардид, ки мактаб ва омӯзгор бояд сипари маънавии ҷомеа бошанд.

Ҳамзамон, дар Паём чун ҳамешагӣ ба масъалаи баланд бардоштани мақоми омӯзгор таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Таъкид шуд, ки омӯзгор на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки тарбиятгари ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва худшиносии миллии насли наврас аст. Дар ин замина, такмили ихтисоси омӯзгорон, беҳтар намудани шароити иҷтимоии онҳо ва ҷалби ҷавонони болаёқат ба касби омӯзгорӣ аз самтҳои афзалиятнок маҳсуб меёбанд.

Масъалаи тарбияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин, пешгирии бегонапарастӣ ва ифротгароӣ низ аз меҳвари Паём буд. Дар ин ҷода, нақши омӯзгорон ниҳоят бузург аст, зеро маҳз мактаб ва омӯзгор метавонанд шахсияти солим, худогоҳ ва масъули ҷомеаро ташаккул диҳанд.

Дар фарҷом, Сарвари давлат бори дигар таъкид намуданд, киояндаи кишвар аз сатҳи дониш, маърифат ва ахлоқи насли ҷавон вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳар як омӯзгор бояд масъулияти баланди касбии худро эҳсос намуда, бо садоқат, навоварӣ ва меҳнати софдилона дар роҳи пешрафти маорифи миллӣ саҳмгузор бошад.

Бо итминон метавон гуфт, ки бо заҳмати муштараки давлат, ҷомеа ва омӯзгорон соҳаи маорифи Тоҷикистон ба марҳалаи сифатан нав баромада, дар рушди устувори кишвар нақши ҳалкунанда хоҳад гузошт.

Биёед, бо ҳисси баланди масъулият, муҳаббат ба касб ва садоқат ба Ватан дар роҳи тарбияи насли соҳибмаърифат саҳмгузор бошем. Зероояндаи Тоҷикистон аз синфхона оғоз меёбад ва калиди он дар дасти омӯзгор аст.

**Баҳрулло ШАРИПОВ,**
**раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи ноҳияи Варзоб**

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ МОДАР




6 марти соли 2026 дар толори меҳмонхонаи Суғдиёни шаҳри Хуҷанд ба муносибати Рӯзи модар бо ташаббуси раёсати маорифи вилояти Суғд ва иттифоқи касабаи кормандони моариф ва илми вилояти Суғд чорабинии идона баргузор гардид.

Дар чорабинӣ Гулсара Мирзозода-сардори раёсати маорифи вилояти Суғд, Мусобек Самизода-раиси иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят, собиқадорони соҳа, омӯзгорони шаҳру ноҳияҳо, устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ иштирок намуданд.

Г.Мирзозода зимни табрикоти хеш қайд намуд, ки имрӯз мо дар соҳаи маорифи вилоят шумораи зиёди бонувони равшанфикр, бомаърифат, соҳибилм ва ҳамқадами замон дорем, ки боиси ифтихору сарфарозиаст.

Таъкид карда шуд, ки донистани қадру қимати зан-модар ва бузургдошти рисолати ӯ қарзи ҳар фарди баору номус аст. Аз нақши бузурги зан дар саҳнаи зиндагӣ на танҳо адибону шоирону файласуфон ёд кардаанд, балки онҳое, ки саҳнаи набардҳои азимеро тарҳрезӣ мекарданду барои кишваркушоӣ кӯшиш мекарданд, саранҷом аз бузургии занмодар ёд карда, пеши азамати ӯ сари таъзим фуруд овардаанд.

Баъдан М.Самизода зимни баромади худ таъкид дошт, ки бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон занону духтарон дар ҷомеа мақоми хосаеро пайдо кардаанд. Сарвари давлат меҳнати занону духтаронро қадр карда, нисбати фаъолияти эшон назари нек доранд ва андешаву афкор, қобилияту истеъдод ва садоқату ҷасорати ҳар як нафарро дарк мекунанд.

Дар идома аз тарафи раёсати маориф ва иттифоқи касаба ба 35 нафар собиқадор, 25 нафар фаъолон ва 170 нафар иштирокдорони чорабинӣ туҳфаҳои хотиравӣ ва маблағҳои пули раёсати маориф ва иттифоқи касаба супорида шуд.

Дар охир барои болидагии хотири иштироккунандагон чорабинии фарҳангӣ ташкил карда шуд, ки писанди ҳамагон гардид.

# АРҶГУЗОРӢ БА ХИЗМАТҲОИ ШОИСТАИ СОБИҚАДОРОНИ СОҲАИ МАОРИФ



Дар доираи нақшаи чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе бо мақсади арҷгузорӣ ба қадру манзалати модар ва эҳтиром ба хизматҳои бесобиқаи ӯ аз фаъолияти омӯзгорони собиқадори соҳа, ки айни замон дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият доранд, дидан ба амал оварда шуд.

Зимни вохӯриҳо саҳми арзишманди онҳо дар тарбияи насли наврас ва рушди соҳаи маориф таъкид гардида, як қатор омӯзгорони соҳибтаҷриба бо ифтихорномаҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Раиси Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Душанбе Н.Ҷураева дар суҳбат бо собиқадорон иброз дошт, ки сиёсати иҷтимоии давлат ба таҳкими мақоми занон ва баланд бардоштани нақши онҳо дар ҷомеа равона гардидааст. Зикр гардид, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи дастгирии занону бонувон, фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият ва иштироки фаъолонаи онҳо дар корҳои созандагиву ободонӣ ва таълиму тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамоянд.

Арҷгузорӣ ба хизматҳои шоистаи онҳо баёнгари эҳтироми амиқ нисбат ба мақому манзалат ва хизматҳои арзандаи зан-модар ва омӯзгор дар арафаи Рӯзи модар дар ҷомеа мебошад.

# САҲМИ МАТБУОТ ДАР РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ




### МУҚАДДИМА

Матбуот дар таърихи миллати мо на танҳо воситаи интиқоли иттилоъ, балки минбари муборизаи фикрӣ, таблиғи маърифат, мактаби худогоҳӣ ва омили ташаккули давлатдории миллӣ будааст.

Вақте сухан аз саҳми матбуот дар рушди давлатдории миллӣ меравад, мо бояд ин мафҳумро танҳо дар чорчӯбаи ахбору гузориш маҳдуд насозем. Давлатдорӣ, пеш аз ҳама, низоми арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва худшиносист. Ва матбуот яке аз василаҳои муҳимми тавлид ва интиқоли ҳамин арзишҳост.

### МАТБУОТ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ДАВЛАТСОЗ

Матбуот дар таърихи инсоният ҳамеша яке аз василаҳои асосии ташаккули шуури ҷамъиятӣ, тарбияи шаҳрванд ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳар гоҳе ҷомеа ба марҳалаи нави рушди сиёсӣ ворид гардидааст, матбуот ҳамчун неруи фикрсоз ва равандсоз нақши фаъол бозидааст.

Дар фазои фарҳангии тоҷикон низ матбуот бо равандҳои давлатсозӣ ва худшиносии миллӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Оғози асри XX, ки марҳалаи бедории миллӣ маҳсуб меёбад, маҳз тавассути минбарҳои матбуотӣ ба арсаи таърих ворид гардид. Рӯзномаи «Бухорои шариф» на танҳо як нашрия, балки минбари андешаи миллӣ маҳсуб ёфта, масъалаи ҳифзи забон, фарҳанг ва ҳувияти тоҷиконро ба сатҳи муборизаи фикрӣ бардошт. Ҳарчанд нашраш дер давом накард, аммо чароғеро барафрӯхт, ки роҳи миллати моро барои садсолаҳо мунаввар сохт.

Дар ҳамин замина фаъолияти маънавӣ ва публитсистии Садриддин Айнӣ намунаи барҷастаи истифодаи матбуот ҳамчун василаи давлатсозӣ мебошад. Ӯ матбуотро дар баробари мактубу маориф минбари бедории миллӣ медонист ва тавассути мақолаву рисолаҳои худ барои ҳифзи ҳастии таърихии тоҷикон мубориза бурд. Агар дар он давра матбуот василаи исботи мавҷудияти миллат буд, имрӯз он василаи таҳкими давлатдории миллӣ мебошад.

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди марҳалаи нав – марҳалаи эҳёи давлатдории миллӣ гардид. Дар ин марҳала матбуот ба яке аз пояҳои маънавии давлатдорӣ табдил ёфт. Зеро давлатдории муосир танҳо бо ниҳодҳои сиёсӣ устувор намемонад, балки ба фазои иттилоотии солим, ба афкори ҷамъиятии муттаҳид ва ба худшиносии шаҳрвандӣ такя мекунад.

Аз ҳамин рӯ, метавон гуфт, ки рӯзноманигорӣ, хоса матбуот баробари падидаи маънавию фарҳангӣ будан, ниҳоди сиёсӣ ва стратегӣ мебошад. Он на танҳо рӯйдодҳоро инъикос мекунад, балки равандҳо ва афкори оммаро шакл медиҳад.

### ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА ФАЗОИ ИТТИЛООТӢ

Давлатдории миллӣ мафҳуми бисёрсамта аст. Он танҳо маҷмуи институтҳо, қонунҳо ва сохторҳои идорӣ нест, балки пеш аз ҳама, фазои арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ҷамъиятӣ мебошад. Агар аҳли ҷомеа дорои худшиносии устувор ва эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ бошад, давлатдорӣ мустаҳкам мегардад. Агар фазои фикрӣ пароканда ва бетафовут бошад, пояҳои давлатдорӣ низ заиф мешаванд.

Дар шароити муосир, ки ҷаҳонишавӣ ва рақобати иттилоотӣ ба авҷи худ расидааст, фазои иттилоотӣ ба майдони муборизаҳои геополитикӣ табдил ёфтааст. Дар чунин шароит, матбуоти миллӣ вазифадор аст на танҳо ахбор пешниҳод кунад, балки манфиатҳои миллӣ ва арзишҳои давлатдориро ҳимоя намояд. Яъне матбуот бояд дар шароити таҳоҷуми фарҳангию мафкуравӣ сипари боэътимоди давлату миллат бошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки худшиносии миллӣ ва ваҳдати комил аз омилҳои асосии устувории давлат мебошанд. Дар ин раванд, матбуот бояд ба минбари тарғиби арзишҳои миллӣ, суботу пешрафт, эҳтиром ба қонун ва масъулияти шаҳрвандӣ табдил ёбад.

Фазои иттилоотии солим маънои маҳдуд кардани андешаҳои гуногунро надорад. Баръакс, он маънои ташкили муҳити муколамаи созанда, таҳлили илмӣ ва баҳси масъулонаро дорад. Матбуоте, ки танҳо ба эҳсосот такя мекунад, наметавонад давлатдориро таҳким бахшад. Аммо матбуоте, ки бо таҳлил, далел ва масъулияти касбӣ амал мекунад, ба мактаби шаҳрвандсозӣ ва масъулиятшиносии шахсӣ бароиояндаи давлат табдил меёбад.

### МАТБУОТИ СОҲАВӢ – ПОЯИ АМИҚИ ДАВЛАТДОРӢ

Агар матбуоти умумимиллӣ фазои умумии фикриро ташаккул диҳад, матбуоти соҳавӣ ба умқи сохторҳои иҷтимоӣ ворид мешавад. Он дар доираи як соҳа ҷаҳонбинӣ, фарҳанги касбӣ ва масъулияти шаҳрвандиро ташаккул медиҳад. Дар ин миён, матбуоти соҳаи маориф аҳаммияти хос дорад.

Соҳаи маориф пояи аслии давлатдорӣ мебошад. Давлатдорӣ аз мактаб оғоз меёбад, аз синфхонае, ки дар он насли оянда тарбия мегардад. Агар маориф дорои идеологияи маърифатпарварона бошад, давлат низ дорои пояи маънавии устувор хоҳад буд. Зеро яке аз омилҳои асосии ташаккули шахсият ва тафаккури созанда таълим дар мактаб аст.

Матбуоти соҳаи маориф вазифаи дугона дорад: шарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва инъикоси дастоварду мушкилот ва пешниҳодҳои ҷомеаи омӯзгорӣ. Ин гуна матбуот пулест байни давлат ва омӯзгор. Он метавонад ислоҳоти маорифро бо тавзеҳи илмӣ ва фаҳмо барои ҷомеа шарҳ диҳад ва ҳамзамон, минбари омӯзгорон бошад.

### НАШРИЯИ «ОМӮЗГОР» ҲАМЧУН МАКТАБИ ФИКРӢ

Дар ин замина, нашрияи соҳавии «Омӯзгор» ҷойгоҳи вижа дорад. Ин нашрия танҳо минбари иттилоърасонӣ нест, балки он мактаби андешаи касбӣ ва миллӣ мебошад.

Тӯли солҳои фаъолият «Омӯзгор» масъалаҳои калидии таълиму тарбия, ислоҳоти маориф, баланд бардоштани мақоми иҷтимоии омӯзгор, омӯзиши маърифати замонӣ, рушди таҳсилоти дуалӣ, ворид намудани технологияҳои муосир дар низоми маориф, тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро пайваста баррасӣ кардааст.

Нашрия бо нашри мақолаҳои таҳлилӣ, мусоҳибаҳо бо мутахассисон, баррасии таҷрибаҳои пешқадам ва муаррифии шахсиятҳои барҷастаи соҳа, фазои маърифатиро ғанӣ мегардонад. Он на танҳо рӯйдодҳоро сабт мекунад, балки ба арзёбии илмии онҳо мепардозад ва ба таври фаҳмо ба аҳли мактабу маориф пешниҳод менамояд.

Маҳз ҳамин хусусияти таҳлилгарона «Омӯзгор»-ро ба мактаби омӯзишӣ ва минбари фикрӣ табдил медиҳад. Ин нашрия дар ташаккули идеологияи маърифатпарваронаи давлатдорӣ саҳми назаррас дорад, зеро он маорифро ҳамчун пояи рушди миллӣ муаррифӣ менамояд.

### МАТБУОТ ВА ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ

Худшиносии миллӣ бе маърифат ва таърихшиносӣ ташаккул намеёбад. Матбуот метавонад дар ин раванд нақши ҳалкунанда бозад. Бо муаррифии шахсиятҳои миллӣ, таҳлили мероси фарҳангӣ ва тарғиби арзишҳои ахлоқӣ, он ҳисси ифтихор ва масъулиятро дар ҷомеа тақвият мебахшад.

Матбуоти соҳавии маориф, аз ҷумла «Омӯзгор», дар ин самт фаъолияти густурда дорад. Бо нашри мақолаҳо дар бораи таърихи маорифи тоҷик, саҳми омӯзгорони барҷаста ва таҷрибаи беҳтарини мактабҳо, нашрия худшиносиро ташаккул медиҳад ва ба пешрафти соҳа мусоидат менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки арзишҳои бегона ба фазои иттилоотӣ ворид мешаванд, чунин матбуот метавонад ҳамчун сипари маънавӣ хизмат намояд. Он на бо роҳи инкор, балки бо роҳи тақвияти арзишҳои худӣ ба устувории давлатдорӣ мусоидат мекунад.

Масъулияти таърихии матбуот

Имрӯз матбуот дар назди як масъулияти таърихӣ қарор дорад. Ҷаҳон ба фазои иттилоотии рақамӣ ворид гардидааст, ки дар он суръати паҳншавии иттилоъ аз қобилияти таҳлили он пеш гузаштааст. Дар чунин шароит, матбуот бояд ба манбаи эътимод табдил ёбад.

Матбуоте, ки ба далел такя мекунад, меъёрҳои касбиро риоя менамояд ва манфиатҳои миллиро ҳифз мекунад, метавонад дар рушди давлатдории миллӣ саҳми муассир гузорад. Матбуоти соҳавӣ бояд минбари тарбияи насли дорои тафаккури таҳлилию созанда, аммо содиқ ба арзишҳои миллӣ бошад.

Ин тавозуни нозук байни озодии сухан ва масъулияти миллӣ асоси фаъолияти матбуоти муосир мебошад.

### ХУЛОСА

Тавре гуфтем, матбуот яке аз пояҳои маънавии давлатдории миллӣ мебошад. Он фазои фикриро ташаккул медиҳад, арзишҳоро интиқол медиҳад ва худшиносиро таҳким мебахшад. Матбуоти соҳавӣ бошад, ин равандро дар сатҳи амиқтар ва касбӣ амалӣ месозад.

Нашрияи «Омӯзгор» ҳамчун минбари маърифатпарварӣ ва худшиносӣ, дар таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ саҳми арзанда гузоштааст. Он мактаби фикрӣ, минбари муколама, василаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами ҳамкасбон, омили таҳкими иртиботи давлат ва ҷомеаи омӯзгорӣ мебошад.

Метавон гуфт, ки рушди давлатдории миллӣ бидуни матбуоти масъул ва маърифатпарвар имконнопазир аст. Ва ҳар қадаре ки матбуоти мо масъултар, таҳлилгаронатар ва содиқ ба арзишҳои миллӣ бошад, ҳамон қадар пояҳои давлатдорӣ устувортар мегарданд.

**Сангин ГУЛЗОД,**
**номзади илми филология,**
**Эҳсон САФАРЗОДА**
**номзади илми филология**

## АЁДАТИ ОМӮЗГОРОН



3-юми марти соли ҷорӣ Зулҳия Нозакзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муҳиддин Ширинзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон ва намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кушониёну Вахш ба муносибати Рӯзи модар чанде аз омӯзгорони собиқадори соҳаи маорифро аёдат намуданд.

Зимни аёдат ба омӯзгорони собиқадор туҳфаҳои идона аз ҷониби Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақдим гардида, барои хизматҳои арзанда ва саҳми босазояшон дар таълиму тарбияи насли наврас изҳори сипосу қадрдонӣ баён шуд.

Таъкид гардид, ки омӯзгорон ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа дар таҳкими маърифату фарҳанг ва тарбияи шаҳрвандони соҳибмаърифат нақши калидӣ доранд. Арҷгузорӣ ба заҳмати содиқонаи онҳо, бахусус, дар арафаи Рӯзи модар нишонаи эҳтиром ба мақому манзалати зан-модар ва устод дар ҷомеа мебошад.

Ба собиқадорон саломатии бардавом, хотири ҷамъ ва рӯзгори пурсаодат таманно карда шуд.

## МУЛОҚОТИ СУДМАНД БО КОРМАНДОНИ ҚИСМИ ХОҶАГИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ



Дар маҷлисгоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №11-и ноҳияи Восеъ мулоқоти судманд бо кормандони қисми хоҷагии муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб баргузор гардид. Дар вохӯрӣ Муҳиддин Ширинзода-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Хатлон, раисони ташкилотҳои Иттифоқи касабаи шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб бо қисми хоҷагии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб мулоқот анҷом доданд. Зимни суҳбат масъалаҳои муҳимми марбут ба фаъолияти кормандони қисми хоҷагӣ баррасӣ гардиданд. Аз ҷумла, иштирокчиён ба мушкилоти норасоии таҷҳизоти зарурии техникӣ барои нигоҳдории муассисаҳо, зарурати беҳтар намудани шароити меҳнат, баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандгардонӣ ва таъмини саривақтии либосҳои махсуси корӣ ишора намуданд.

Ҳамзамон, пешниҳод гардид, ки масъалаи дастгирии иҷтимоии кормандони қисми хоҷагӣ ва қадрдонии фаъолияти онҳо минбаъд низ мунтазам бояд дар маркази таваҷҷуҳи ташкилотҳои иттифоқҳои касаба қарор гирад. Дар рафти вохӯрӣ як қатор иштирокчиён низ баромад намуда, андеша ва пешниҳодҳои худро ҷиҳати беҳтар намудани фаъолият дар ин самт иброз доштанд.

Дар анҷоми чорабинӣ, ба муносибати фарорасии Иди рамазон, ба ҳар як иштирокчӣ як бастаӣ маводи ғизоӣ ҳамчун туҳфаи идона тақдим карда шуд.

## ЧОРАБИНИИ ИДОНА



Дар асоси нақша-чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ВМКБ 6-уми марти соли ҷорӣ дар толори раёсати маорифи вилоят бо иштироки сардори раёсати маориф Мирзоқанд Аминҷон, раиси иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ВМКБ Мавлоназар Марамбек ва бо иштироки омӯзгорзанон ва кормандони фаъолони соҳаи маориф ба муносибати Рӯзи модар чорабинии идона баргузор гардид.

Сардори раёсати маориф ва раиси иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилоят занону бонувони собиқадори соҳа ва аъзоёни фаъоли иттифоқи касабаро ба муносибати Рӯзи модар самимона табрик намуда, ба ҳар яки онҳо саломатии бардавом, хушбахтии ҷовидонӣ, рӯзгори пурфайзу баракат, хонадони ободу осуда ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно намуданд.

Ҳамзамон, қайд гардид, ки бо сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои баланд бардоштани мақому манзалати зан дар ҷомеа заминаи устувор гузошта шудааст. Имрӯз занону модарони тоҷик дар баробари иҷрои рисолати муқаддаси модарӣ, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоӣ, илму маориф, фарҳанг ва идоракунии давлатӣ фаъолона кору фаъолият намуда, дар пешрафту ободии Ватан саҳми арзанда мегузоранд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои фароҳам овардани шароити мусоиди кору зиндагии бонувон, дастгирии ташаббусҳои онҳо ва ҷалби ҳарчи бештари занон ба идоракунии давлатӣ тадбирҳои муассир амалӣ гардидаанд.

Дар фарҷоми чорабинӣ бархе аз иштирокчиён – занону бонувони фаъоли соҳаи маориф барои фаъолияти пурсамар ва саҳми арзандаашон дар рушди соҳаи маориф бо тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

## БАРГУЗОРИИ ДАВРИ ВИЛОЯТИИ ОЗМУНИ «БОЗИҲОИ МИЛЛӢ»

Дар мавзеи «Хуррамшаҳр»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров даври вилоятии озмуни «Бозиҳои миллӣ» баргузор гардид.



Дар чорабинӣ сардори раёсати маорифи вилояти Суғд Г. Мирзозода, раиси иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф ва илм М. Самизода, ҳамчунин, намояндагони соҳаи маориф, омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд иштирок намуданд.

Зимни чорабинӣ роҳбарияти раёсати маорифи вилояти Суғд суханронӣ намуда, таъкид кард, ки имрӯз бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашни Наврӯз дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи арзанда пайдо карда, ҳамчун мероси гаронбаҳои фарҳанги башарият эътироф гардидааст. Эхё ва рушди бозиҳои миллии ниёгон барои тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром ба фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ аҳаммияти бузург дорад.

Озмун аз рӯйи як қатор намуди бозиҳои миллӣ, аз ҷумла, лалакпарронӣ, бодбарак, чиллак, ланка, ошуқ, арғамчинбозӣ, лакпар ва хаппак баргузор гардида, иштирокчиён маҳорати худро дар фазои дӯстӣ ва рақобати солим ба намоиш гузоштанд.

Дар фарҷоми озмун ғолибон муайян шуда, бо сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ гардиданд.

## МУСОБИҚАИ ФУТБОЛИ ХУРД



Дар асоси нақша чорабиниҳои Иттифоқи касабаи кормандони маорифи шаҳри Кӯлоб ва шуъбаи маорифи шаҳр бахшида ба иди байналмилалии Наврӯз дар майдони футболи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43 мусобиқаи футболи хурд миёни хонандагони синфҳои 5, 6, 7-и муассисаҳои таълимии шаҳру деҳоти Кӯлоб баргузор гардид.

Ҳадафи асосии баргузории мусобиқаи мазкур оммавигардонии футбол, тарғиби тарзи ҳаёти солим ва дар руҳияи худшиносиву меҳанпарастӣ тарбия намудани насли наврас мебошад.

Дар фарҷоми мусобиқа дастаҳои ғолиб ва бозингарони беҳтарин бо Ҷом, медал, дипломҳои дараҷаи I, II, III, сипоснома ва тӯҳфаҳои хотиравӣ кадршиносӣ карда шуданд.

## ВОХӮРӢ БО ТАРБИЯТГИРАНДАГОНИ ИНТЕРНАТ



Мӯсобек Самизода-раиси иттифоқи касабаи кормандони морифи вилоят бо мақсади вохӯрӣ ва аёдат аз интернати назди муассисаи таълимии ноҳияи Спитамен дидан намуд.

Зимни шиносоӣ бо тарбиятгирандагон Мӯсобек Самизода қайд кард, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста бахри дастгирии иҷтимоии ятимону бепарасторон ва ниёзмандон ғамхорӣ зоҳир менамояд. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як сафарашон ба шаҳру ноҳияҳои вилоят бо ятимону бепарасторон вохӯрӣ баргузор намуда, ба онҳо тӯҳфаҳои моливу пулӣ тақдим менамоянд. Месазад, ки ҷавобан ба ғамхориҳои давлату ҳукумат тарбиятгирандагон бо дониши хубу аъло хонда, дар оянда барои шукуфоии ватани азизамон саҳм гузоранд.

Дар охир аз тарафи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми вилояти Суғд ба тарбиятгирандагон тӯҳфаҳои идона тақдим гардид.

## МУАММОИ «ПАЙКИ НАВРӮЗӢ»

1. Иди миллии мардуми орийӣ. 2. Воситаи муошират. 3. Гул. 4. Таоми наврӯзӣ. 5. Паранда, рамзи сулҳу зебоӣ. 6. Навъи гиёҳи баҳорӣ. 7. Муаллифи достони «Лайлӣ ва Маҷнун». 8. Алафе, ки хушккардаи он барои аксари бемориҳо доруст. 9. Кӯх дар ҶИЭ, ки пайдоиши Наврӯз бо он иртибот дорад. 10. Асбоби мусиқии зарбӣ. 11. Навъи гул. 12. Кадима, хеле қадимӣ. 13. Асбоби мусиқии торӣ. 14. Фасли сол. 15. Асп дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 16. Навъи ширинӣ. 17. Оҳанги мусиқӣ дар «Шашмақом». 18. Воситаи ҷуфтронӣ дар деҳот. 19. Аз он ҳангоми нонпазӣ истифода мебаранд. 20. Муродифи «булбул». 21. Асари Абдураҳмони Ҷомӣ. 22. Навъи меваи субтропикӣ. 23. Подшоҳ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. 24. Асбоби мусиқӣ. 25. Қаҳрамони афсонаҳои халқӣ. 26. Хӯроки миллӣ. 27. Ҷирми осмонӣ. 28. Шаҳр дар ҷануби Тоҷикистон. 29. Қаҳрамони «Шоҳнома». 30. Рамзи об ва зебоӣ дар ривоятҳои асотирӣ. 31. Маҷмуаи ашъори Лоиқ Шералӣ. 32. Персонажи повести «Ривояти суғдӣ»-и С. Улуғзода. 33. Мева. 34. Гул, исми занона. 35. Сипехр, чарх, гардун.




**Мураттиб Ҳотами ҲОМИД**

ҲОМИИ ОМӮЗГОР
Муассис:
Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
e-mail:kasaba_tj@mail.ru

САРМУҲАРРИР
Э. Хушбахт
Телефонҳо:
238- 55-91 - сармуҳаррир
238- 55-82 - раёсати кадрҳо
238- 55-84 - хифзи меҳнат
238-55-85 - раёсати молия
Рақами интернетӣ:
(+992) 887-00-55-58

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
З. Нозакзода
М. Ширинзода
М. Самизода
М. Мавлоназаров
Н. Ҷураева

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: М. Қурбонов, Қ. Раҳимов, Ф. Буризода

Моҳнома 31 октябри соли 2012 таҳти рақами 0032/ рз дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шудааст.

Моҳнома ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мекунад, ки метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.

Дар ҶДММ «Мега-принт» (кӯчаи Борбад 36 ) ба чоп расидааст.
Адади нашр: 4800

Нишонии моҳнома:
шаҳри Душанбе, хиёбони Неъмат Қарабоев-17, гузаргоҳи 1.

ҲОМИИ ОМӮЗГОР